Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №139(2966) | СЕШАНБЕ, 13 НОЯБРИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

# ШУМО СИМО ВА ОИНАИ ДАВЛАТ ҲАСТЕД ВА ХАЛҚ БА ШУМО АЗ ҲАМИН НУҚТАИ НАЗАР БАҲО МЕДИҲАД

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси ботантана ба муносибати Рӯзи милитсияи тоҷик**

**10 ноябри соли 2012**



**Муҳтарам кормандон ва хизматчиёни мақомоти корҳои дохилӣ! Ҳозирини гиромӣ!**

Ҷашни таъсисёбии мақомоти милитсияи тоҷик дар замоне таҷлил мегардад, ки кишвари мо ҳамчун давлати соҳибистиқлол муддати бисту як сол дар арсаи байналмилалӣ арзи ҳастӣ дорад.

Дар ин давра бо кӯшишҳои пайвастаи якҷояи аҳкоми давлатдорӣ пойдор гардида, ҳаёти мардуми кишварамон дар муҳити орому осоишта ва рушди босубот идома дорад.

Дар ин лаҳзаҳо бо камоли ифтихор меҳоҳам ҳамаи шумо - кормандон, собиқадорони мақомоти корҳои дохилӣ ва хизматчиёни ҳарбии Қӯшунҳои дохилиро, ки дар роҳи эъмори ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёд саҳми арзанда мегузоред, бо иди касбиатон - Рӯзи милитсияи тоҷик табрику таҳният гуфта, ба шумо тани сиҳат, хонаи обод ва дар фаъолияти душвору пуршарафатон муваффақиятҳо орзу намоям.

Мақомоти милитсия, тибқи таъиноти худ, ҳамеша вазифаҳои мураккабу муҳими давлатиро дар самти таъмини тартиботи ҳуқуқӣ ва таҳкими қонуният ба сомон мерасонанд.

Баъди ба даст омадани истиқлолияти давлатӣ милитсияи тоҷик ҳамеша дар сафи пеши мубориза бо унсурҳои ҷинояткор, ки халалдор намудани ҳаёти осоиштаи сокинони мамлакат, поймол намудани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, инчунин заиф гардонидани пояҳои давлатдориро мехостанд, қарор гирифта буд.

Махсусан таъкид карданиам, ки аз масъулияту шуҷоатмандии кормандони милитсия ва натиҷаҳои судманди фаъолияти ин мақомот аз бисёр ҷиҳат инкишофу пойдории давлати имрӯзаи тоҷикон ҳамчун кишвари демокративу ҳуқуқбунёд ва озоду ягона вобаста аст.



Ҳодисаҳои маълуми солҳои 90-ум ва ҷанги фалокатбори таҳмилӣ пешорӯйи шарафу мардонагӣ ва садоқату шуҷоатмандии милитсияи тоҷик имтиҳони навбатиро гузоштанд.

Дар ин ҷода мақомоти милитсия дар ҳамбастагӣ бо дигар сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ барои таъмини оромиву осоиштагии ҷомеа, барқарор намудани сохти конститутсионии давлат ва ҳимояи ҳаёти осудаи сокинони мамлакат аз қувваҳои ҷинояткор фидокорона дар набард шуданд, ки дар ҷараёни он садҳо нафар кормандони милитсия ҷони худро аз даст доданд.

Дар он вазъияти мураккаби сиёсиву иҷтимоӣ, ки фаъолнокии гурӯҳҳои муташаккили ҷинояткор ва болоравии сатҳи қонуншиканӣ баръало эҳсос мешуд, кормандони милитсия, бо вуҷуди мушкилиҳои зиёди моддиву техникӣ, вазифаҳои муқаддаси худро сарбаландона иҷро менамуданд.

Дар он солҳои мудҳиш даҳҳо гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ ва беш аз сад гурӯҳи муташаккили ҷинояткор бо мақсади ҳар лаҳза халалдор намудани вазъи ҷамъиятӣ ҳамарӯза ба амалҳои террористӣ, куштор, ғоратгарӣ ва гаравгонгирии одамон даст мезаданд ва ба дили сокинони кишвар даҳшат меафканданд.

Дар ҷомеа падидаҳои нави ҷиноятқорӣ, аз қабили терроризм, одамрабоӣ, гаравгонгирӣ, хариду фурӯши одамон, экстремизми динӣ, ҷиноятқории муташаккил, муомилоти ғайриқонунии яроқу аслиҳа ва маводи мухаддир ба вуҷуд омаданд, ки фаъолияти кормандони мақомоти милитсияро боз ҳам вазнинтар мегардонданд.

Маҳз дар натиҷаи заҳмату талошҳои шабонарӯзии кормандони милитсия ва фаъолияти муназзами онҳо бо дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ осудагиву суботи кишвар ва тинҷиву амнияти шаҳрвандон таъмин гашта, пеши роҳи содиршавии ҳазорон ҷиноят гирифта шуд, ашхоси ҷинояткор ошкору дастгир ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуданд.

Дар роҳи барқарор намудани сохти конститутсионӣ ва пойдории давлати ҷавони Тоҷикистон кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва хизматчиёни ҳарбии Қӯшунҳои дохилӣ азму талош ва ҷонбозиҳо намуда, ҳангоми иҷрои вазифа зиёда аз 2000 нафари онҳо ҷони худро аз даст доданд.

Давлату Ҳукумат ва мардуми тоҷик онҳоеро, ки ба хотири ҳифзи амният ва сулҳу суботи ҷомеа ҷони худро нисор кардаанд, ҳеҷ гоҳ фаромӯш нахоҳанд кард.

Саҳми арзанда, хизмати шабонарӯзӣ ва шуҷоату қаҳрамонии шумо - кормандону хизматчиёни мақомоти корҳои дохилӣ, дар роҳи барқарор намудани сохти конститутсионӣ, устувор гардонидани сулҳу осоиш ва оромии ҷомеа ҳамчун намунаи олии садоқат ба Ватан ва давлату миллат арзёбӣ мегардад.

Ҳукумати Тоҷикистон тӯли солҳои охир ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоиди кору хизмат, беҳтар намудани ҳифзи иҷтимоии кормандон ва тақвият бахшидани заминаҳои моддиву техникии мақомот тадбирҳои муассир меандешад.

Танҳо дар давоми даҳ соли охир ҳаҷми маблағгузории мақомоти милитсия аз ҳисоби буҷети давлатӣ мунтазам афзуда, музди меҳнати кормандони мақомоти корҳои дохилӣ қариб 30 баробар ва иловапулӣ барои рутбаи кормандони милитсия 33 баробар зиёд карда шуд.

Дар ин муддат садҳо нафар ва танҳо ҳамин сол беш аз сад нафар кормандони милитсия бо хонаҳои истиқоматӣ ва қитъаҳои замин таъмин карда шуда, зиёда аз 140 бинои маъмурӣ ва иншооти Вазорати корҳои дохилӣ бунёд ва таъмиру азнавсозӣ гардид.

Илова бар ин, ба маблағи 18 миллион сомонӣ барои эҳтиёҷоти мақомоти корҳои дохилӣ нақлиёту техникаи махсус, яроқу аслиҳа ва воситаҳои махсуси хизматӣ харидорӣ гардида, барои мукофотонидани ҳайати шахсӣ беш аз 22 миллион сомонӣ ҷудо карда шудааст.

Ба истифода додани Маҷмааи госпитали муосир, ки барои сохтмону таҷҳизонидани он аз Буҷети давлатӣ зиёда аз 7 миллион сомонӣ ҷудо шудааст, боиси зикр аст.

(Идома дар саҳ. 2)



Суратгир А. Исоев

# Мулоқот бо Робин Орд-Смит

**9 ноябри соли 2012 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Убайдуллоев Сафири нави Фавқулодда ва Мухтори Шоҳигарии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Робин Орд-Смитро бо хоҳиши ӯ ба ҳузур пазируфт.**

Дар ҷараёни мулоқот Маҳмадсаид Убайдуллоев изҳори боварӣ намуд, ки бо фаъолияти ӯ дар ин вазифаи олии дипломатӣ, ки дар кишвари мо шурӯъ кардааст, сатҳи ҳамкориҳои гуногунҷабҳа, пеш аз ҳама дар самти тақвияти муносибатҳои байнипарламентӣ миёни Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва парламенти Шоҳигарии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ боз ҳам тақвияти тоза касб хоҳад намуд.

Илова ба он, Маҳмадсаид Убайдуллоев изҳори итминон намуд, ки имкониятҳои ҷаноби сафир ба масъалаҳои ҷалби бештари бахши иқтисод ва тиҷорати Британияи Кабир дар лоиҳаҳои инвеститсионии Тоҷикистон, зиёд намудани квотаҳои мавҷуда барои донишҷӯёни тоҷикистонӣ дар донишгоҳҳои Британияи Кабир, кушодани филиали донишгоҳҳои олӣ ва инчунин таъсиси литсейҳои бритнаӣ дар Тоҷикистон хуб истифода мегардад.

Зимнан изҳори боварӣ кард, ки бо мусоидати ӯ фаъолияти гурӯҳҳои дӯстӣ ва ҳамкории байнипарламентии миёни Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва парламенти Шоҳигарии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ минбаъд низ ҳадафрас хоҳад буд.

Ҷаноби сафир аз пазироию муҳтавои мулоқоти самимӣ ва пешниҳоди ироагардидаи Раиси Маҷлиси миллӣ изҳори миннатдорӣ намуда, афзуд, ки бо истифода аз имконот фаъолияти минбаъдаашро дар ҳамкорӣ бо институтҳои парламентии Шоҳигарии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ дар ҳалли масъалаҳои бамиёнгузошта сафарбар хоҳад намуд.

Ҳамзамон ҷаноби Робин Орд-Смит зимни мулоқот таъкид дошт, ки дар асоси пешниҳоди Тоҷикистон ва сафари анҷомдодаи Раиси Маҷлиси миллӣ ба Лондон феълан аз ҷониби Ҳукумати Британияи Кабир баррасии созишномаҳои байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои иқтисодию илмӣ-техникӣ, кадргардонӣ ва ҳимояи дуҷонибаи сармоя, худдорӣ намудан аз андозбандии дукарата ва пешгирии канораҷӯӣ аз пардохти андозҳо аз даромад ва сармоя идома дорад, ки бо ба имзо расидани ин санадҳо сатҳ ва самараи ҳамкориҳо миёни кишварҳо ба маротиб боло хоҳанд рафт.

Мулоқот дар фазои ҳусни тафоҳум ва созанда поён ёфт.

***Ш. САИДОВ,***
***ёвари Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба робита бо воситаҳои ахбори омма ва созмонҳои ғайридавлатӣ***



# ДАР ШӮРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**12 ноябри соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум баргузор гардид.**

Рӯзномаи ҷаласаи навбатии Шӯро бо қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шуд.

Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия С. Раҷабов доир ба масъалаҳои нахустини рӯзнома - «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013» ва «Дар бораи ҳисоботи Бонки миллии Тоҷикистон оид ба иҷрои Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 9 моҳи соли 2012 ва Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013» гузориш дод.

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи масъалаҳои мазкур, инчунин масъалаҳои зерини рӯзнома - «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бозхонд намудани муовини раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоб намудани муовини раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоб намудани узви Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъин намудани Самадов З.М. ба вазифаи сараудитори Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъин намудани Муминов Қ.Ҳ. ба вазифаи сараудитори Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъин намудани Мирзоев А.К. ба вазифаи сараудитори Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъин намудани Самиев М.Р. ба вазифаи сараудитори Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъин намудани Зарифов Ф.З. ба вазифаи сараудитори Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» таври алоҳида қарорҳо қабул карда, масъалаҳои номбурдаро ҷиҳати баррасӣ ба ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум пешниҳод намуд.

Мудири шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон У. Охунов масъалаҳои навбатии рӯзнома - «Дар бораи лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагидории биологӣ», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаҳои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» ва «Дар бораи лоиҳаи Барномаи давлатии қарзгирии берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015» -ро ба муҳокимаи аъзои Шӯро пешниҳод карда, шарҳ дод.

Қарорҳои Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масъалаҳои мазкур қабул гардида, ин масъалаҳо барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин барои гузаронидани экспертизаи ҳуқуқӣ ба шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуданд.

Доир ба масъалаҳои охирини рӯзнома - «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум» қарорҳои Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардиданд.

***Ҷумъахон НАБОТОВ, «Садои мардум».***
***Суратгир Аҳлиддин ИСОЕВ***

# Таъиноти кадрӣ

**9 ноябри соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайати роҳбарии як қатор вазорату идораҳо тағйироти кадрӣ ворид намуд.**

Бо қарорҳои Ҳукумати кишвар Мушовири калони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати иқтисодӣ Неъматҷон Буриев муовини якуми вазири рушди иқтисод ва савдо, муовини вазири адлия Абдуманон Холиқов муовини якуми вазири адлия ва мудири шуъбаи назорати Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳаким Мирсаев муовини вазири адлия таъин гардиданд.

Каримҷон Азизов муовини якум ва Шоҳона Одинаева муовини директори Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина» таъин карда шуданд.

Муҳаммад Ғойиб, ки қаблан директори Шабакаи аввали телевизиони Тоҷикистон буд, Сармуҳаррири рӯзномаи «Ҷумҳурият» таъин карда шуд.

Ҳамчунин аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон номзадии раиси Иттифоқҳои касабаи вилояти Суғд Саидбой Зокиров барои интихоб ба вазифаи муовини раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва номзадии директори Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нурулло Маҳмадуллоев ба узвияти Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд.

Тибқи талаботи моддаи 13-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба таъин намудани сараудиторҳои Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод ирсол гардид. Ба ин вазифаҳо сардори Раёсати пешгирии коррупсияи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Ашуралӣ Мирзоев, роҳбари Котибот дар назди Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Қосим Муминов, муовини сардори Раёсат- сардори шуъбаи назорати давлатии молиявии Раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе Файзалӣ Зарифов, муовини сардори Раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадалӣ Самиев ва сардори Саридораи молияи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Зикрихудо Самадов пешниҳод шуданд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон зимни суҳбат бо кадрҳои ба вазифаҳои нав таъиншуда онҳоро ба кору хизмати содиқонаю софдилона бо дасту дили пок ва ниятҳои хайрхоҳона ҳидоят намуда, таъкид дошт, ки манфиати давлату миллат ва Ватани азиз бояд аз ҳама гуна манфиатҳои дигар боло гузошта шавад.

*www.president.tj*

БА Садои мардум – обуна барои соли 2013 идома дошта, дар муассисаҳои алоқаи почтаи шаҳру ноҳияҳо, инчунин шуъбаҳои алоқаи почтаи шаҳри Душанбе қабул карда мешавад

Нархи солонаи обуна 98 сомонӣ мебошад.

(Идома аз саҳ. 1)

# ШУМО СИМО ВА ОИНАИ ДАВЛАТ ҲАСТЕД ВА ХАЛҚ БА ШУМО АЗ ҲАМИН НУҚТАИ НАЗАР БАҲО МЕДИҲАД

Барои хизмати содиқона ва ҷасорату корнамоӣ танҳо дар панҷ соли охир 19 нафар кормандони мақомот ба рутбаи генералӣ ва 116 нафар бо мукофотҳои давлатӣ сарфароз гардонида шудаанд.

Мувофиқи созишномаҳои байналмилалӣ ҳар сол даҳҳо нафар аз ҳисоби ҷавонони лаёқатманди тоҷик барои таҳсил ба донишкадаҳои олии кишварҳои хориҷӣ равон карда мешаванд. Танҳо дар соли ҷорӣ 43 нафар ба хориҷи кишвар барои таҳсил фиристода шуданд. Ҳамчунин беш аз 70 нафар кормандони мақомот дар аспирантура ва докторантура таҳсил намуда, соҳиби унвонҳои гуногуни илмӣ гаштанд.

Вазорати корҳои дохилӣ яке аз бузургтарин сохторҳои ҳифзи ҳуқуқи кишвар мебошад, ки ба зиммаи он доираи васеи вазифаҳо, аз таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва мубориза бо ҷинояткорӣ сар карда, то риояи қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва мубориза бар зидди сӯхтор вогузор карда шудааст.

Бинобар ин, вазъи риояи тартиботи ҷамъиятии кишвар дар маҷмӯъ ба фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ вобастагии мустақим дорад.

Пешрафти тамоми соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодии кишвар ва нуфузи байналмилалии он аз сулҳу суботи ҷомеа вобастагии калон дорад, ки он низ ба сатҳу сифати фаъолияти шумо ва иҷрои содиқонаи вазифаҳои хизматиатон робитаи бевосита дорад. Зеро маҳз шумо дар набарди пеши мубориза бо ҷинояткорӣ қарор доред ва ҳамарӯза ҷони худро дар хатар гузошта, ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон ва волоияти қонунро ҳифз менамоед.

Дар ин радиф фаромӯш набояд кард, ки мардум ба фаъолияти Ҳукумат, аз ҷумла аз рӯйи масъулиятшиносии ҳар кадоми шумо дар роҳи таъмини адолати иҷтимоӣ ва муборизаи оштинопазир бар зидди ҷинояту ҷинояткорӣ баҳо медиҳанд.

**Дӯстони азиз!**

Таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар ҳама давру замон яке аз самтҳои афзалиятноки мақомоти милитсия ба шумор мерафт.

Мо тамоми заминаҳои ҳуқуқии ҳамкории мақомоти милитсияро бо дигар мақомоти давлатӣ ва ҷалби шаҳрвандонро дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ муҳайё намудаем.

Тоҷикистон дар фарҷоми асри бистум ба эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ иқдом намуд.

То ба имрӯз дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа равандҳои куллӣ ба назар расида, таҳаввулоти бунёдӣ тамоми сохторҳои давлати Тоҷикистонро фаро гирифтаанд.

Ҳалли амалии вазифаҳои дар назди давлати Тоҷикистон қарордошта бе таҳқиқи амиқу ҳамаҷониба ва бе дарки асосноки моҳият ва равандҳои куллии инкишофи ниҳодҳои асосии давлатӣ аз имкон берун аст.

Масъалаи идоракунии давлат барои мақомоти корҳои дохилӣ мақоми хосаро муқаррар намудааст.

Фаъолияти мақомоти милитсия дар давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд моҳияти дигар касб менамояд.

Чораҳои ҷазодиҳӣ дар аксарияти мавридҳо ҷойи худро ба вазифаҳои таъмини тартибот ва амнияти ҷомеа, пешгирӣ намудани ҷинояткорӣ, инчунин ба аҳолӣ расонидани хизматҳои иҷтимоӣ медиҳанд.

Бо дарназардошти ин, мақомоти милитсияро зарур аст, ки ба масъалаҳои баланд бардоштани салоҳиятнокӣ ва маҳорату малакаи касбӣ, сатҳи саводу маърифатнокӣ ва дониши ҳуқуқӣ, инчунин маданияти касбии кормандони худ таваҷҷуҳи доимӣ зоҳир намоянд.

Аз ин рӯ, омӯхтани таҷрибаи кори милитсия дар давлатҳои пешрафтаи демократӣ на фақат аҳамияти назариявӣ, балки инчунин дар кори татбиқ намудани шаклу усулҳои нави ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ аҳамияти муҳими амалӣ дорад.

Бо қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» ва тасдиқи санадҳои зерқонунӣ аз ҷониби Ҳукумати кишвар барои мақомоти милитсия заминаи қонунӣ фароҳам оварда шуд, ки ин самти фаъолияти худро бо дастгирии ҳамаҷонибаи мақомоти давлатӣ ва шаҳрвандон амалӣ намоянд.

Илова бар ин, ташаббусҳои тозаи мақомоти корҳои дохилӣ ва дар заминаи он қабул гардидани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2012 «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани нақши нозирони минтақавии милитсия дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва тавсеаи ҳамкории онҳо бо аҳолӣ» ба такмили заминаҳои ташкиливу инфрасохтории соҳа мусоидат намуд.

Қаблан супориш дода будам, ки нақши нозирони минтақавӣ дар таъмини тартиботи ҳуқуқӣ баланд бардошта шуда, вобаста ба он мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои фаъолияти муназзами онҳо тамоми шароитро муҳайё намоянд. Вале раванди иҷрои корҳо дар ин самти муҳими фаъолияти мақомот то ҳанӯз ҷавобгӯйи талаботи замони муосир нест.

Содиршавии ҷиноятҳо дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва ба тариқи фаврӣ ошкор нагардидани онҳо низ натиҷаи фаъолияти на чандон хуби баъзе нозирони минтақавӣ мебошад.

Аз ин рӯ, ба Вазорати корҳои дохилӣ супориш дода мешавад, ки бо таъсиси гурӯҳи корӣ фаъолияти тамоми нозирони минтақавиро дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои кишвар, инчунин чараёни иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар ин самти фаъолият мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода, аз натиҷаи он бо андешидани чораҳои зарурӣ барои такмили ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ба Ҳукумати мамлакат ахбори муфассал манзур намояд.

Ҳамзамон бо ин, вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда мешаванд, ки ҷиҳати татбиқи босамари фармони зикршудаи Президенти кишвар ва фароҳам овардани шароити мусоиди хизмат барои нозирони минтақавӣ чораҳои қатъӣ андешанд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ мубориза бо ҷинояткории муташаккилона, аз ҷумла терроризм, экстремизм, хариду фурӯши одамон, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва силоҳ барои ҳар як кишвар вазифаи муҳим мебошад.

Давлат маҳз тавассути мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, махсусан милитсия бар зидди чунин зуҳуроти нангин мубориза бурда, барои тамоми мардум ҳаёти осоишта, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳо ва тартиботи комили қонуниро кафолат медиҳад.

Тавассути амалӣ намудани амалиётҳои густурда ҷиҳати ноил гардидан ба ин мақсади муҳим дар давоми даҳ соли охир 131 гурӯҳи муташаккили ҷиноӣ муайян, дастгир ва безарар карда шудааст.

Дар ин давра зиёда аз 115 ҳазор ҷиноят ошкор карда шудааст, ки 40 ҳазори онро ҷиноятҳои вазнин ташкил медиҳанд.

Илова бар ин, аз 47 амали террористӣ ва тахрибкории содиршуда 17 амал бевосита аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ ошкор карда шудааст.

Аз лаҳзаи қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон», яъне аз соли 2005 то имрӯз қариб се ҳазор ҷинояти ба хариду фурӯши одамон алоқаманд ошкор ва ҷинояткорон ба ҷавобгарӣ кашида шудаанд.

Бо ошкор намудани қариб панҷ ҳазор ҷиноят дар давоми панҷ соли охир вобаста ба гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир аз муомилоти ғайриқонунӣ қариб панҷоҳ тонна маводи мухаддир мусодира гардидааст, ки зиёда аз нисфи он натиҷаи фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ мебошад.

Дар баробари дастовардҳо дар масъалаи мубориза бо ҷинояткорӣ бояд гуфт, ки ҳолатҳои нокушода мондани ҷиноятҳо то ҳанӯз мавҷуданд. Инчунин то ба ҳол ҳолатҳои содиркунии ҷиноятҳо аз ҷониби баъзе кормандони мақомоти милитсия аз байн нарафтааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки танҳо дар соли ҷорӣ аз ҷониби кормандони мақомоти корҳои дохилӣ 53 ҷиноят содир карда шудааст, ки қисми зиёди онро ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ташкил медиҳад.

Ҳолати мазкур ба ҳамаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ хос буда, дар ин замина супориш дода мешавад, ки масъулини мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷиҳати баланд бардоштани савия ва дониши касбии кормандон, тарбияи онҳо дар рӯҳияи худшиносиву ватанпарастӣ, пешгирӣ намудани содиршавии ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷинояткорӣ аз ҷониби кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва тоза намудани сафҳои мақомот аз шахсони тасодуфӣ ва аз нигоҳи рӯҳӣ ноустувор тадбирҳои пайвастаро амалӣ намоянд.

Таъкид месозам, ки мақомот дар ҷодаи мубориза бо ҷинояткорӣ ҳуқуқи маънавии як лаҳза хотирҷамъ буданро надорад.

Баръакс, вазъи мураккаби ҷаҳони муосир мақомоти корҳои дохилиро водор месозад, ки беш аз ҳарвақта ҳушёр бошанд, зиракии сиёсиро аз даст надода, бо дарки амиқи масъулияти касбӣ ва ифтихори баланди ватандорӣ бо ҷинояткорӣ муборизаи оштинопазир баранд.

Фаромӯш набояд кард, ки ҷинояткории замони муосир хусусиятҳои нав касб намуда, ҷинояткорон бо мақсади расидан ба ҳадафи худ аз усулҳо ва техникаву технологияҳои пешрафта истифода менамоянд.

Олами ҷиноӣ аз ҳар як ҳолати фориғболии мақомот истифода намуда, кӯшиши зарба задан ба низоми давлатдорӣ ва ба ин васила халалдор сохтани ҳаёти осоиштаи кишварро мекунанд.

Ҳамеша дар назар бояд дошт, ки ҷиноятҳои террористӣ дар ҳама давру замон ба муқобили асосҳои давлатдорӣ равона шуда, бо мақсади ба вуҷуд овардани муҳити тарсу ҳарос ва халалдор сохтани суботи сиёсиву иҷтимоӣ амалӣ карда мешаванд.

Аз ин лиҳоз, ба Вазорати корҳои дохилӣ ва ҳамаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ супориш дода мешавад, ки фаъолияти воҳидҳои дахлдори худро дар самти мубориза бо терроризм, экстремизм, хариду фурӯши одамон, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, силоҳ ва муҳимоти ҷангӣ беш аз пеш тақвият бахшанд.

Инчунин минбаъд нисбат ба кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки дар роҳи мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ба бемасъулиятӣ роҳ медиҳанд, чораҳои қатъӣ андешанд.

Бо мақсади аз аҳолӣ гирифтани яроқ ва лавозимоти ҷангии ғайриқонунӣ ҳанӯз соли 1994 фармони махсуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расида буд, ки дар асоси он то имрӯз зиёда аз 35 ҳазор мил яроқ ва дигар намудҳои аслиҳаи ғайриқонунӣ гирифта шудааст. Вале таҳлилҳо ва воқеаҳои дар солҳои охир рухдода нишон медиҳанд, ки ҳанӯз ҳам дар дасти аҳолӣ ва гурӯҳҳои ҷиноятпеша яроқу лавозимоти ҷангӣ ғайриқонунӣ нигоҳ дошта мешавад.

Бинобар ин, мақомоти ҳифзи ҳуқуқро зарур аст, ки дар ҳамкорӣ бо аҳли ҷомеа ҷиҳати гирифтани яроқи ғайриқонунӣ чораҳои иловагии зарурӣ андешанд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Борҳо таваҷҷуҳи шуморо ба яке аз мушкилиҳои ҷиддӣ дар фаъолияти мақомоти милитсия ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки дар пинҳон намудани ҷиноятҳо зоҳир мегардад, ҷалб намуда будам.

Ба хотири танзими ин самти фаъолият Ҳукумати Тоҷикистон бо қарори худ тартиби пешбурди баҳисобгирӣ, қайди ягонаи ҷиноятҳо ва шахсони ҷиноят содиркардаро тасдиқ кардааст, вале тибқи таҳлилҳо ин масъала то ҳанӯз ҳалли ниҳоии худро наёфтааст.

Бинобар ин, зарур шуморида мешавад, ки маҷмӯи чораҳои идориву ташкилӣ дар бобати тағйир додани меъёрҳои арзёбии фаъолияти милитсия, дастрас будани он ба шаҳрвандон, инчунин куллан такмил додани низоми муайянкунӣ, бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҷиноятҳо таҳия ва татбиқ карда шаванд.

Низоми давлатии муайянкунӣ, бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҷиноятҳо бояд дар заминаҳои технологияҳои муосири иттилоотӣ ташкил гардида, тамоми маълумот доир ба зуҳуроти ҷиноятӣ дар интиқолдиҳандаҳои электронӣ ҷойгир ва ба шабакаи автоматикунонидашудаи коркарди ахбор ирсол карда шавад.

Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ инкишофи босуръати технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ҷиддӣ эҳсос гардида, истифода ва татбиқи васеи онҳо дар ҷабҳаҳои гуногуни ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа талаби замон ба шумор меравад.

Дар баробари мақсаднок ва ба манфиати умум равона гардидани натиҷаҳои илми мусоир чунин васоит метавонад аз ҷониби ашхоси ҷиноятпеша барои ноил гардидан ба мақсадҳои харобкорона истифода шавад.

Таҳлили таҷрибаи баъзе давлатҳои минтақа ва ҷаҳон нишон медиҳад, ки гурӯҳҳои муайяни ифротгаро барои дар байни сокинони мамлакат, махсусан ҷавонону наврасон, паҳн намудани ғояҳои зӯроварӣ ва террористиву экстремистӣ аз имкониятҳои шабакаи иттилоотиву коммуникатсионӣ, аз ҷумла Интернет, васеъ истифода менамоянд.

Дар бисёр мавридҳо шабакаи Интернет на танҳо чун воситаи алоқа, балки ҳамчун воситаи ҳамоҳангсозии амалҳои экстремистӣ ва террористӣ низ истифода мешавад. Бо вуҷуди ин, Ҳукумати Тоҷикистон ба ҳеҷ васила ҳуқуқи шаҳрвандонро дар масъалаи истифода аз шабакаи Интернет маҳдуд карданӣ нест. Вале дар баробари ин, мақомоти ҳифзи ҳуқуқро зарур аст, ки бо мақсади таъмини манфиатҳои миллӣ доир ба пешгирӣ кардани содиршавии ҷиноятҳо тавассути Интернет чораҳои муассирро амалӣ намоянд.

Аз ин рӯ, ба Вазорати корҳои дохилӣ супориш дода мешавад, ки якҷо бо мақомоти дахлдор масъалаи ташкили бахши алоҳидаи мубориза бар зидди ҷиноятҳои иттилоотиро дар сохтори вазорат мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор дода, ба Ҳукумати кишвар пешниҳод манзур намоянд.

Маълум аст, ки раванду чараёнҳои экстремистӣ дар амалӣ намудани ғояҳои худ асосан ба наврасону ҷавонон, ки дар байни онҳо ашхоси аз ҷиҳати иродаву шуурнокӣ ноустувори ҷамъият бештар мебошанд, такя менамоянд.

Дар Паёми имсолаи худ ба парламенти кишвар вазъи қонунвайронкунӣ дар байни ҷавонон, махсусан ноболиғонро мавриди баррасии ҷиддӣ қарор дода, супоришҳои дахлдор дода будам.

Аммо вазъияти имрӯза дар ин самт ҳоло низ ташвишовар боқӣ мемонад. Танҳо дар 9 моҳи соли ҷорӣ ҷинояткорӣ дар самти мазкур 26,4 фоиз афзудааст, ки ин ҳолат гувоҳи нокифоя будани корҳои пешгирикунандаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бахусус милитсия мебошад.

То ҳанӯз як низоми махсуси ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ, ки тавонад дар шуури наврасону ҷавонон эҳтиром ба қонун ва арзишҳои муқаддаси миллиро ҷойгир намояд, таҳия нашудааст ва шароити аслии содиршавии ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон низ муайян нагардидааст.

Аз ин хотир, ба мақомоти прокуратура супориш дода мешавад, ки якҷо бо Вазорати корҳои дохилӣ тамоми ҳолатҳои ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноятҳои аз ҷониби ноболиғон ё бо иштироки онҳо дар давоми се соли охир содиршударо мавриди омӯзиш қарор дода, шароити ба содиршавии чунин аъмоли номатлуб мусоидаткунандаро муайян намоянд ва ҷиҳати пешгирӣ кардани ҳуқуқвайронкунӣ дар ин самт низоми махсуси татбиқи чораҳои пешгирӣ ё дигар чораҳои судмандро таҳия ва пешниҳод намоянд.

**Дӯстони азиз!**

Зикр кардан бамаврид аст, ки ба мақомоти корҳои дохилӣ ваколатҳои васеъ дода, дар айни замон нисбат ба ҳар як корманди он талаботи ҷиддӣ муқаррар карда шудааст.

Ҳеҷ кас мисли шумо дар ҷабҳаи ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон чунин ваколат надорад ва ҳеҷ яке аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мисли шумо бо халқ наздик нест.

Конститутсия инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯро ба сифати арзиши олӣ эътироф намуда, тамоми рукнҳои давлатро барои амалан таъмин намудани ҳифзу риояи он масъул намудааст.

Бо дарназардошти ин нуктаи муҳим ҳар як корманди милитсия бояд амиқан дарк намояд, ки дар ҷомеаи ҳуқуқбунёд зиндагӣ ва кору фаъолият менамояд.

Бинобар ин, онҳо вазифадоранд, ки ҳимоя ва эҳтироми ҳуқуқи инсонро дар маркази фаъолияти ҳамарӯзаи худ қарор диҳанд.

Зеро ҷинояткориро танҳо дар ҳолате коҳиш додан мумкин аст, ки беэҳтиромӣ ба қонун ва беэътиноӣ ба ҳуқуқ дар маҷмӯъ аз байн бурда шуда, риояи ҳатмии тартиботи ҳуқуқӣ ҳамчун рафтору кирдори табиӣ ба шуури мардум ворид карда шавад.

Дар ин замина, пеш аз ҳама кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бахусус милитсия бояд худашон намунаи ибрат бошанд.

Дар ҷомеаи демократӣ риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин мутобиқ ба талаботи қонунгузорӣ амалӣ намудани фаъолияти онҳо аз ҷониби ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ низ баҳогузорӣ карда мешавад.

Вобаста ба ин, мехоҳам оид ба баъзе ҳолатҳои мавҷудаи вобаста ба шиканҷа, ки ҷомеаи мутамаддин онро маҳкум мекунад, ибрози ақида намоям.

Бояд гуфт, ки сиёсати Ҳукумати кишвари мо дар самти пешгирии шиканҷа ва дигар усулҳои нораво зимни таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ комилан ташаккул ёфтааст.

Ҳатто соли ҷорӣ бо ворид намудани иловаҳо ба қонунгузории ҷиноятӣ нисбат ба шахсони ба шиканҷа роҳдода ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ карда шуд.

Бо дарназардошти арзиши олии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон қатъиян иброз менамоям, ки ҳеҷ як корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ягон маврид ҳуқуқи истифодаи шиканҷа ва паст задани қадру қимати инсонро надорад.

Бинобар ин, ба роҳбарияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ супориш дода мешавад, ки ҷиҳати огоҳии пурраи кормандон аз талаботи қонунгузории ҷорӣ ва санадҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва пешгирии шиканҷа чорабиниҳои омӯзиширо тақвият бахшида, доир ба ҳар як ҳолати қонунвайронкунӣ аз ҷониби кормандони мақомот қарорҳои қатъӣ қабул намоянд.

Амалигардонии самтҳои алоҳидаи сиёсати давлатӣ танҳо дар он ҳолат самараи нек медиҳад, ки фаъолияти мақомоти татбиқкунандаи сиёсат батадриҷ ва бо дарназардошти тағйир ёфтани шароит такмил дода шавад.

Аз ин лиҳоз, дар асоси пешниҳоду хулосаҳои мақомоти корҳои дохилӣ, Ҳукумати Тоҷикистон ба сохтори ташкиливу штатии вазорат тағйироту иловаҳо ворид намуд.

Бо вуҷуди ин, имрӯз сохтори таркибии Вазорати корҳои дохилӣ ба тағйироти ҷиддӣ ниёз дорад. Дар ин замина бояд ба мустаҳкам намудани зинаҳои поёнии мақомот диққати махсус дода шавад.

Ҳамчунин зарур аст, ки сохтори марказии вазорат мавриди таҳлили ҳаматарафа қарор гирифта, ҷиҳати бартараф намудани ҳолатҳои такроршавии вазифаҳо ва ба эътидол овардани сохтори воҳидҳои таркибии мақомот чораҳои дахлдор андешида шаванд.

Бо мақсади беҳтар намудани фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ, такмили сохтори он, мутобиқ намудани фаъолияти мақомот ба талаботи замони муосир ва меъёрҳои асноди ҳуқуқии байналмилалӣ, инчунин густариши ҳамкории мақомот бо ҷомеа зимни Паёми имсолаи худ ба Маҷлиси Олӣ пешниҳод намуда будам, ки Барномаи ислоҳоти милитсия ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи политсия» таҳия ва пешниҳод карда шавад.

Фикр мекунам, ки лоиҳаи Барномаи ислоҳоти милитсия бояд бо гузаронидани таҳлили фарогир ва омӯзиши ҳамаҷонибаи тамоми масъалаҳои ҷойдошта аз нигоҳи касбӣ ва мутобиқ ба манфиатҳои миллӣ таҳия ва пешниҳод карда мешавад.

Вале хотиррасон месозам, ки ислоҳоти мақомоти милитсия кори саҳлу осон нест ва дар чараёни таҳия ва татбиқи он мо ҳуқуқи ба инобат нагирифтани оқибатҳои эҳтимолии ислоҳотро надорем.

Дар ин раванд истифодаи таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ ва имкониятҳои ниҳодҳои ҷамъиятӣ ба манфиати кор хоҳад буд.

Илова бар ин, мувофиқи мақсад дониста мешавад, ки лоиҳаи барномаи мазкур бояд усулҳои татбиқи чорабиниҳои мушаххасро ҷиҳати ба сатҳи сифатан нав бардоштани фаъолияти ин мақомоти барои давлату ҷомеа зарурӣ, бартарафсозии такроршавии вазифа ва функсияҳо, такмили сохтор ва умуман ислоҳоти маҷмӯии мақомоти милитсияро дар бар гирад.

Маҳаки асосии ислоҳоти милитсияро бояд ҳамкории зичи мақомот бо ҷомеа ташкил намояд. Дар раванди пешбурди фаъолият зимни пешгирии ҷинояткорӣ ва мубориза бо он бояд аз имкониятҳои аҳли ҷомеа ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ васеъ истифода намуд.

Бо мақсади таҳия ва татбиқи амалии ислоҳот ба таври куллӣ баланд бардоштани омодагии касбии кормандони милитсия дар заминаи арзишҳои демократӣ, волоияти қонун ва ҳимояи ҳуқуқҳои инсон бениҳоят зарур мебошад.

Аз ин сабаб низоми таълим дар Академияи Вазорати корҳои дохилӣ ва умуман барои кормандони мақомот бояд ҷиддан тағйир дода шавад.

Дар иртибот ба тасмими Ҳукумат ҷиҳати ислоҳоти милитсия рафтори намунавии кормандони мақомот, ки савганди касбӣ ёд кардаанд ва тибқи таъиноти худ барои ҳимояи давлату ҷомеа аз унсурҳои ҷинояткор вазифадор шудаанд, аҳамияти хоса дорад.

Вобаста ба ин, бори дигар таъкид месозам, ки дар сафҳои милитсия бояд шахсони салоҳиятноку масъулиятшинос, ватандӯсту ватанпарвар ва аз лиҳози ахлоқиву маънавӣ тозаву поквиҷдон хизмат намоянд.

Дар ин раванд, ҳамчунин зарур мешуморам, ки дар самти пешгирӣ кардани амалҳои коррупсионӣ дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ чораҳои иловагӣ андешида шаванд.

Мақомоти корҳои дохилӣ, ки вазифаи ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти ҷомеа, таҳкими волоияти қонун, ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, ҳимояи манфиатҳои қонунии муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ташкилотҳои шакли моликияташон гуногун ва коллективҳои меҳнатӣ, мубориза бо ҷинояткорӣ ба уҳдаи онҳо вогузор шудааст, дар сохтори мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон яке аз ҷойҳои марказиро ишғол менамоянд.

Фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ бояд ба талабот ва вазъи имрӯзаи ҷомеа ҷавобгӯ буда, корманди милитсия имконияти воқеии моҳирона истифода намудан аз тамоми воситаҳои муосир, аз ҷумла таҷҳизоти пешқадами техникиро дошта бошад, ҳамеша интизоми баланди хизматиро нигоҳ дорад ва малакаву маҳорати касбии худро пайваста такмил диҳад.

Бо дарназардошти он ки милитсия яке аз рукнҳои асосии механизми давлатдорӣ ба шумор меравад, бояд пеш аз ҳама такмили раванди тарбияи кадрҳои баландихтисос, таҳкими фаъолияти ҳуқуқии шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар мубориза барои ҳуқуқу манфиатҳои қонунии худ ҳамчун самтҳои асосии фаъолияти ин мақомот баррасӣ карда шавад.

Вобаста ба ин, таъкид месозам, ки анҷом додани таҳқиқоти назариявӣ, ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва асосҳои фаъолияти милитсия ҳамчун рукни ҷудонопазири давлати муосири демократӣ ва ҳуқуқбунёд аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Чунонки шумо огоҳед, мардуми сарбаланди тоҷик дар арафаи таҷлили ҷашни бузурги миллиамон - бистсолагии Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ ва баъди Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мо тавонистем ҷомеаи худро аз гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ берун созем, миллатро аз парокандагӣ ва давлатро аз шикаст эмин нигоҳ дошта, ба марҳилаи бунёдкориву созандагӣ оғоз бахшем.

Дар муҳити босубот, вазъияти ором ва тартиботи устувори ҷамъиятӣ баргузор намудани ин чорабиниҳо ва татбиқи нақшаҳои созандаи давлату Ҳукумат, ки ба нафъи халқи тоҷик равона шудаанд, аз бисёр ҷиҳат ба фаъолияти самарабахши ҳар кадоми шумо - кормандони милитсия вобаста мебошад.

Аз ин лиҳоз, масъулини соҳаро зарур аст, ки бо истифода аз тамоми имкониятҳо ҷиҳати тақвияти самтҳои фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ, таҳкими иқтидори кадрии он, таъминоти моддиву техникӣ ва такмили сохтори вазорат минбаъд низ тадбирҳои зарурию амалӣ созанд.

Фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон дар таъмини суботи ҷомеа, мубориза бар зидди терроризм, экстремизм, гурӯҳҳои муташаккили ҷинояткор, хариду фурӯши одамон, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, дигар намудҳои ҷинояткорӣ ва пешгирии онҳо дар маҷмӯъ мусбат арзёбӣ мегардад.

Ман ба ақлу заковат, донишу маҳорат, поквиҷдонӣ, ватандӯстиву меҳанпарастии ҳар кадоми шумо бовар дорам ва мутмаинам, ки минбаъд низ аз иҷрои вазифа ва супоришҳое, ки давлату халқи Тоҷикистон дар назди шумо гузоштаанд, сарбаландона мебароед.

Доимо дар хотир дошта бошед, ки шумо симо ва оинаи давлат ҳастед ва халқ ба шумо аз ҳамин нуқтаи назар баҳо медиҳад. Аз ин рӯ, кӯшиш кунед, ки ба ин боварӣ сазовор бошед.

Бовар дорам, ки ҳар кадоми шумо манфиати давлату миллат ва обрӯи касбии худро муқаддас дониста, минбаъд низ риояи бечунучарои қонуният ва иҷрои талаботи интизоми хизматиро дар сафҳои худ тақвият мебахшед ва дар таҳкими волоияти қонун, ҳимояи дастовардҳои мардуми кишварамон саҳми арзанда гузошта, ҳомии боэътимоди халқу Ватан будани худро собит менамоед.

Бори дигар ҳамаи шуморо бо иди касбиатон табрик гуфта, дар адои вазифаи пуршарафу пурмасъулиятатон ба нафъи давлат ва халқи Тоҷикистони азиз муваффақият орзу менамоям.

**Ҳамеша хонаободу сарбаланд бошед!**



## Маҷлиси ботантана ба муносибати Рӯзи милитсияи тоҷик

**10 ноябри соли 2012 дар Маҷмааи давлатии «Кохи Ваҳдат» бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба истиқболи Рӯзи милитсияи тоҷик ҷамъомади тантанавӣ баргузор гардид.**

Ҷамъомади ботантанаи бахшида ба иди касбии кормандон ва хизматчиёни мақомоти корҳои дохилӣ бо ворид шудани Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба толор ва садо додани Суруди миллии Тоҷикистон оғоз ёфт.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар оғози суханронии худ аз шебу фарозҳо ва рӯзҳои сахту сангине, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол дар 21 соли рушди мустақили хеш, аз ҷумла дар роҳи пойдору устувор гардондани пояҳои давлатдории навини тоҷикон ва таъмини ҳаёти орому осоиштаи мардум ба сар бурдааст, ёдовар шуда, ба нақши кормандону ходимони милитсия ва кулли мақомоти корҳои дохилӣ дар ин раванд баҳои баланд дод ва ҳамаи онҳоеро, ки дар гузаштаю имрӯз ба ин мақомот алоқамандӣ доранд, бо иди касбиашон табрику таҳният гуфт.

Тавре таъкид гардид: «Баъди ба даст омадани истиқлолияти давлатӣ милитсияи тоҷик ҳамеша дар сафи пеши мубориза бо унсурҳои ҷинояткор, ки халалдор намудани ҳаёти осоиштаи сокинони мамлакат, поймол намудани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, инчунин заиф гардонидани пояҳои давлатдориро мехостанд, қарор дошт».

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон аз талафоти ҷонии Қӯшунҳои дохилии кишвар дар роҳи барқарор намудани сохти конститутсионӣ ва пойдории давлати ҷавони Тоҷикистон, ки шумораашон 2 ҳазор нафарро ташкил медиҳад, ёдовар шуда, чунин таъкид дошт: «Давлату Ҳукумат ва мардуми тоҷик онҳоеро, ки ба хотири ҳифзи амният ва сулҳу суботи ҷомеа ҷони худро нисор кардаанд, ҳеҷ гоҳ фаромӯш нахоҳанд кард».

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон саҳми арзанда, хизмати шабонарӯзӣ ва шуҷоату қаҳрамонии кормандону хизматчиёни мақомоти корҳои дохилиро дар роҳи барқарор намудани сохти конститутсионӣ, устувор гардонидани сулҳу осоиш ва оромии ҷомеа «намунаи олии садоқат ба Ватан ва давлату миллат» арзёбӣ намуд.

Бо қаноатмандӣ зикр гардид, ки тайи 10 соли охир аз ҷониби кормандони ин мақомот 131 гурӯҳи муташаккили ҷиноӣ муайян, дастгир ва безарар карда шуд. Дар ин давра зиёда аз 115 ҳазор ҷиноят ошкор карда шуд, ки 40 ҳазори онро ҷиноятҳои вазнин ташкил медиҳанд. Илова бар ин, аз 47 амали террористӣ ва тахрибкории содиршуда 17 амал бевосита аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ ошкор карда шуд.

Бо зикри он ки аз соли 1994 ба ин сӯй зиёда аз 35 ҳазор мил яроқ ва дигар намудҳои аслиҳаи ғайриқонунӣ аз аҳолӣ гирифта шудааст, ҳамзамон бо ишора ба воқеаҳои солҳои охир таъкид гардид, ки ҳанӯз ҳам дар дасти гурӯҳҳои ҷиноятпеша яроқу лавозимоти ҷангӣ ғайриқонунӣ нигоҳ дошта мешавад. Аз ин хотир, супориш дода шуд, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ҳамкорӣ бо аҳли ҷомеа барои гирифтани яроқи ғайриқонунӣ чораҳои иловагии зарурӣ андешанд.

Чунонки зикр гардид, Ҳукумати Тоҷикистон тӯли солҳои охир ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоиди кору хизмат дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тадбирҳои муассир меандешад. Тазаккур дода шуд, ки танҳо дар давоми даҳ соли охир ҳаҷми маблағгузории мақомоти милитсия аз ҳисоби Буҷети давлатӣ мунтазам афзуда, музди меҳнати кормандони мақомоти корҳои дохилӣ қариб 30 баробар ва иловапулӣ барои рутбаи кормандони милитсия 33 баробар зиёд карда шуд.

Таъкид гардид, ки дар ин муддат садҳо нафар ва танҳо ҳамин сол беш аз сад нафар кормандони милитсия бо хонаҳои истиқоматӣ ва 1200 нафар бо қитъаҳои замин таъмин карда шуда, зиёда аз 140 бинои маъмурӣ ва иншооти Вазорати корҳои дохилӣ бунёд ва таъмиру навсозӣ гардид.

Илова бар ин, ба маблағи 18 миллион сомонӣ барои эҳтиёҷоти мақомоти корҳои дохилӣ нақлиёту техникаи махсус, яроқу аслиҳа ва воситаҳои махсуси хизматӣ харидорӣ гардида, барои мукофотонидани ҳайати шахсӣ беш аз 22 миллион сомонӣ ҷудо карда шудааст.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин аз камбудию норасоиҳои соҳа ва қонуншиканиҳо дар миёни худи кормандону ходимони ин мақомот ёдовар шуда, аз ҷумла зикр намуд, ки танҳо дар соли равон аз ҷониби кормандони мақомоти корҳои дохилӣ 53 ҷиноят содир карда шудааст, ки қисми зиёди онро ҷиноятҳои дорои хусусияти коррупсионӣ ташкил медиҳанд.

Аз ин хотир, чунин таъкид гардид: «Мардум ба фаъолияти Ҳукумат, аз ҷумла аз рӯйи масъулиятшиносӣ ва фаъолияти беолоиши кормандони милитсия дар роҳи таъмини адолати иҷтимоӣ ва муборизаи оштинопазир бар зидди ҷинояту ҷинояткорӣ баҳо медиҳанд».

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо ёдоварӣ аз ҳолатҳои номатлуб дар фаъолияти кормандони алоҳидаи мақомоти корҳои дохилӣ ба роҳбарияти соҳа доир ба баланд бардоштани салоҳиятнокӣ ва маҳорату малакаи касбӣ, сатҳи саводу маърифатнокӣ ва дониши ҳуқуқӣ, инчунин маданияти касбии кормандон супоришҳои мушаххас дод.

Дастуру супоришҳои мушаххас ҳамчунин доир ба пешгирӣ ва аз байн бурдани ҳолатҳои шиканҷа нисбати боздоштшудагон дода шуд.

Бо таваҷҷуҳ ба масоили ислоҳот дар мақомоти корҳои дохилӣ таъкид гардид, ки зимни таҳия ва тасдиқи сохтори нави мақомоти мазкур бояд такрори вазифаҳо аз ҷониби сохторҳои гуногун ва камбудиҳои ҷиддии дигар аз миён бардошта шаванд.

Дар фаровардИ суханронӣ Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон кори мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистонро дар таъмини суботи ҷомеа, мубориза бар зидди терроризм, экстремизм, гурӯҳҳои муташаккили ҷинояткор, хариду фурӯши одамон, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, дигар намудҳои ҷинояткорӣ ва пешгирии онҳо дар маҷмӯъ мусбат арзёбӣ намуда, бори дигар ҳамаи онҳоро бо иди касбиашон табрику таҳният гуфт ва барояшон дар фаъолияти мураккаби шабонарӯзӣ барору комёбӣ таманно намуд.

*www.president.tj*

# ЛОИҲАИ БУҶЕТ МОҲИЯТИ ИҶТИМОӢ ДОРАД

**аз нисф зиёди ҳаҷми умумии хароҷот маҳз ба ин бахш пешбинӣ шудааст**



**Нуҳуми ноябри соли равон ҷаласаи васеи Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия баргузор гардид. Ҷаласаро раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Сафаралӣ Раҷабов ҳусни оғоз бахшида, минҷумла зикр намуд, ки рӯзномаи ҷаласа фарогири як масъала – лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013» мебошад.**

Доир ба масъалаи мавриди баррасӣ муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Амиршо Миралиев суханронӣ карда, моҳияти лоиҳаи Қонуни зикршударо шарҳу эзоҳ дод. Мавсуф аз ҷумла зикр намуд, ки лоиҳаи Қонуни мазкур аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, ба баррасии Маҷлиси намояндагон пешниҳод шудааст. Шӯрои Маҷлиси намояндагон лоиҳаро барои пешниҳоди хулоса ба кумитаю комиссияҳои Маҷлиси намояндагон ва ҷиҳати додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорид.

Лоиҳа тайи як ҳафта аз тарафи вакилон ва масъулини Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон мавриди омӯзиш ва баррасии ҳаматарафа қарор дода шуда, роҷеъ ба якчанд бандҳою муқаррароти он фикру мулоҳиза ва пешниҳодот баён гардид.

Амиршо Миралиев ҷанбаҳои муҳим ва фарққунандаи лоиҳаи қонунро дар муқоиса бо қонунҳои ҳамсони солиёни пеш бозгӯйӣ намуда, гуфт, ки лоиҳаи қонуни фавқуззикр, пеш аз ҳама, дар асос ва барои иҷрои супоришҳои Сарвари давлат, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Паёми имсолаашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр намуда буданд, таҳия гардидааст.

Ҳамчунин дар ин лоиҳа афзалиятҳои сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ ба инобат гирифта шуда, иҷрои сифатнок ва саривақтии Стратегия, Консепсия ва Барномаҳои ҳукуматии дурнамои рушди иқтисодию иҷтимоӣ, дархостҳои аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон, дархостҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба инобат гирифта шудааст.

Фарқияти қонуни буҷет барои соли оянда аз солҳои пешин дар он зоҳир мегардад, ки он дар заминаи Буҷети давлатии миёнамуҳлати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 таҳия гардида, ислоҳоти куллии соҳаи андозбандии кишварамонро, ки бо қабули Кодекси андоз дар таҳрири нав ба миён омада буд, пурра ифода мекунад.

Чунончӣ, самтҳои асосии даромади Буҷети давлатӣ барои соли 2013 дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки воридоти андозӣ ва ғайриандозиро ба танзим медароранд, муайян шуда, дар он низоми андозбандӣ ба мақсади дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ тавассути бартараф намудани монеаҳои маъмурӣ ва таъмини шаффофияти андозбандӣ, оммафаҳм ва содда намудани тартиби пардохти андозҳо, баҳисобгирии пурраи манбаъҳои андозбандӣ ва пешгирӣ намудани ҳолатҳои рӯйпӯшкунии андозҳо ва дар ин замина устувор намудани даромади буҷет, равона гардидааст.

-Бинобар ин, сарфи назар аз эҳтимолияти кам гардидани воридот ба буҷет ба маблағи 800-850 млн. сомонӣ, афзоиши қисми даромади Буҷети давлатӣ барои солҳои 2013 – 2015 бо роҳи баланд бардоштани маъмурикунонии андоз, васеъ намудани заминаи баъзе намудҳои андоз, таъмини рушди воқеии иқтисодиёт ва ташкил намудани ҷойҳои кори нав асоснок шудааст, - афзуд Амиршо Миралиев.

Дар лоиҳаи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013 ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ, аз ҷумла даромадҳои ҷорӣ, грантҳо, қарзҳо барои амалӣ намудани лоиҳаҳои инвеститсионӣ, инчунин маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ, ҷамъ оварда шудаанд.

Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ мувофиқи дурнамо бо андозаи 42,1 млрд. сомонӣ, болоравии ҳаҷми истеҳсолот бо ифодаи реалӣ ба андозаи 7,4 фоиз, дараҷаи таваррум ба андозаи 9,0 фоиз ва индекси дефлятор 8,0 фоиз ба нақша гирифта шудааст.

Ҳангоми таҳияи лоиҳаи буҷет қурби асъори миллӣ нисбат ба 1 доллари ИМА – 5,0 сомонӣ ба ҳисоб гирифта шудааст.

Дар соли 2013 ҳаҷми умумии Буҷети давлатӣ ба маблағи 12057,6 млн. сомонӣ, аз ҷумла даромадҳои ҷории Буҷети давлатӣ - 9452,0 млн. сомонӣ муқаррар гардидааст.

Ҳаҷми умумии Буҷети давлатӣ дар соли 2013 нисбат ба соли 2012 бо ҳисоби номиналӣ 1895,0 млн. сомонӣ, аз ҷумла аз рӯйи даромадҳои ҷорӣ ба маблағи 1662,0 млн. сомонӣ афзоиш меёбад.

Хароҷоти умумии Буҷети давлатӣ дар соли 2013 бо назардошти касри буҷет (210,5 млн. сомонӣ) 12268,1 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба буҷети тасдиқшудаи соли 2012-ум 1927,5 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Амиршо Миралиев таъкид намуд, ки дар лоиҳаи Буҷети давлатӣ барои соли 2013 ба маблағгузории соҳаи иҷтимоӣ диққати махсус дода шудааст. Яъне, барои соҳаҳои иҷтимоӣ 6376,5 млн. сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба соли 2012-ум 1306,5 млн.сомонӣ зиёд буда, қариб аз нисф зиёди ҳаҷми умумии хароҷоти буҷетро дар бар мегирад.

-Ҳамин тариқ, лоиҳаи Қонуни Буҷети давлатӣ барои соли 2013 бо мақсади дар амал татбиқ гардидани сиёсати Президенти кишвар ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардида, дар он, пеш аз ҳама, афзалиятҳои муҳими давлатӣ, аз ҷумла таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва бехатарии озуқаворӣ, раҳойии кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ба даст овардани истиқлолияти энергетикӣ, ба инобат гирифта шудааст, - гуфт муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Амиршо Миралиев.

Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Сафаралӣ Раҷабов, вазири молияи мамлакат Сафаралӣ Наҷмуддинов, раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати ҷумҳурӣ Нусратулло Давлатов, муовини вазири рушди иқтисод ва савдои кишвар Гулчеҳра Бозорова, муовини сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати ҷумҳурӣ Нуриддин Маҳмадов, мудири шуъбаи молияи Дастгоҳи иҷроияи Президенти мамлакат Одилҷон Ҷабборов ва мушовири калони Президенти ҷумҳурӣ оид ба сиёсати ҳуқуқӣ Хурсандмурод Мирзоев зимни суханрониҳояшон лоиҳаи қонунро мухтасар шарҳ доданд.

Дар анҷом бо қарори ҷаласа лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013» ба баррасии Иҷлосияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум пешниҳод гардид.

*Далер МЕРГАНОВ,*
*«Садои мардум».*
*Суратгир А. ИСОЕВ*

---

**● Ба пешвози 20-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## Муродалӣ МАҲМАДАЛИЕВ:

# ТОҶИКОН СУЛҲДӮСТУ ХИРАДПЕША ВА ЗАҲМАТКАШАНД



**Муродалӣ Маҳмадалиев яке аз хоҷагидорони машҳури кишвар маҳсуб меёбад. Вай дар кори хоҷагӣ собиқаи сисолаи роҳбарӣ дорад. 24 марти соли 1950 дар деҳаи Байнал (ҳоло Гулобод)-и ноҳияи Ваҳдат таваллуд шуда, мактаби миёнаи №130-и деҳаи номбурдаро хатм карда, дар Техникуми омори шаҳри Ваҳдат таҳсил кардааст. Сипас, ба факултети иқтисодии Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) дохил шуда, онро соли соли 1973 хатм намудааст. Фаъолияти кории эшон баъди хатми донишгоҳ аз хоҷагиҳои кишоварзӣ оғоз ёфтааст. Соли 1983 ӯро директори совхози боғу токпарварии «Чормағзак» таъин мекунанд. Аз соли 1988 то ҳол сарварии хоҷагиеро бар ухда дорад, ки тайи ин солҳо борҳо таҷдид гардидааст. Дар даврони шӯравӣ он колхози «Коммунизм» унвон дошт, баъдан, аз соли 1990, хоҷагии фермерии ба номи Фирдавсӣ, аз соли 2000-ум то соли 2012 Кооперативи истеҳсолии ба номи Авалмурод Кенҷаев ном дошт. Аз 30 майи соли ҷорӣ ба Хоҷагии истеҳсолии зотпарварии ба номи А. Кенҷаев табдил ёфт. Хизматҳои М. Маҳмадалиев бо Ордени «Шарафи меҳнат» (соли 1985), Грамотаи фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон (соли 1989), чандин ифтихорномаю раҳматномаҳо қадрдонӣ шудааст. Барои саҳми арзандааш дар тараққии соҳаи маориф - бунёди боғчаҳои бачагона ва таълимгоҳҳо, ҳамчунин бо унвони «Аълочии маорифи халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон» сарфароз гардидааст. Аз соли 1990 то соли 2000 вакили мардумӣ дар Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Иштирокчии Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Муродалӣ Маҳмадалиев соҳиби панҷ фарзанд (ҳамаашон соҳиби маълумоти олӣ), 15 набера ва се абера аст. Суҳбати мо бо ин шахси шинохта дар айни ҷамъоварии маҳсулоти кишоварзӣ дар бошишгоҳи саҳроии бригадаи рақами ду сурат гирифт.**

**-Монда нашавед, раис. Мебинам, ки имрӯз пайи ҷамъоварии ҳосили бо ранҷ парварида ҳастед ва дар саҳро кор ҷӯш мезанад. Соли 2012 барои хоҷагии шумо чӣ хел сол буд?**

-Албатта, кори деҳқонӣ, соҳаи кишоварзӣ ба боду ҳавои фаслҳои сол алоқамандии зич дорад. Ҳар сол як хел нест. Масалан, соли 2011 барои деҳқонони хоҷагии мо бисёр соли бобарор буд. Порсол натиҷаҳои дилхоҳ ба даст овардем. Дар майдони 44 гектар пиёз кишт карда, қариб 1600 тонна ҳосил ҷамъоварӣ кардем. Аз 260 гектар пахтазор 804 тонна пахта ҷамъ овардем, ки ба ҳар гектар 32 сентнерӣ рост омад. Соҳаи чорводорӣ низ тирамоҳи соли гузашта бобарор буд, ширдӯшию наслгирӣ нисбати солҳои пешин хеле зиёд гардид. Вале тавре ба ҳамаи шумо маълум аст, аз даҳаи охири моҳи октябр боронгариҳо сар шуданд ва ҳавои сарду боронӣ шаш моҳ давом кард, ки ин барои деҳқонон, кишоварзон давраи аз ҳама муҳими заминагузорӣ барои ҳосили минбаъда буд. Аз рӯйи ҳисоби ман 47 маротиба барф борид. Дигар дар тирамоҳ имконияти кишт кардани ғалла, пиёзи тирамоҳӣ ва хӯроки чорво нашуд. Аз ин хотир, мо натавонистем соли гузашта барои имсол заминагузорӣ кунем, хусусан барои кишти ғалла шароит нашуд. Ғалла бояд дар моҳҳои ноябр ё декабр кишт мешуд. Лекин мо дар моҳи март кишт кардем. Табиист, ки дар ин ҳолат ҳосилаш як баробар кам мешавад. Бовар кунед, мо пиёзро дар моҳи марти солҳои пеш ду маротиба озуқа медодем. Имсол бошад, фақат тавонистем, ки дар охири моҳи март пиёз кишт кунем. Моҳҳои апрел, маю июн гармсел шуд. Гармсел ба нашъунамои пиёз зиён расонд ва табиист, ки ба таври дилхоҳ ҳосил нагирифтем. Вале мо, ки дар деҳқонӣ таҷриба дорем, аз ин кор ноумед нашудем. Кишти пахтаро зиёд кардем, яъне дар майдони 262 гектар чигити навъи «Ориёно» ва «Хуҷанд-67» кишт намудем. Бубинед, ҳосил хуб аст. Худо хоҳад, аз ҳисоби даромади пахта дигар хароҷотро ҷуброн мекунем. Азбаски мо қарздор нестем, пахтаро ба шакли ашёи хом намефурӯшем, балки дар корхонаи пахтатозакунӣ коркард карда, қисми зиёди чигити онро барои тухмӣ захира менамоем. Ба чиниши пахта бошад, баъди шукуфтани 70 фоизи қитъаи пахтазор шурӯъ мекунем. Дар як чиниш на камтар аз 20 сентнер ҳосил ҷамъоварӣ хоҳем кард. Чандин сол боз мо аз ин таҷриба истифода мебарем ва натиҷаҳояш низ дилхоҳу самаровар аст. Имсол мувофиқи дурнамо бояд 807 тонна пахта ҷамъоварӣ намоем. Аз ин ҳисоб на камтар аз 500 ҳазор доллар ба суратҳисоби хоҷагӣ ворид мешавад. Хулоса, моро ноҷуриҳои табиат рӯҳафтода накард, зеро таҷрибаи корӣ ва деҳқонони заҳматпешаву кордон дорем. Тамоми тадбирҳоро андешидаем ва мувофиқи ҳисобҳоямон имсоли хоҷагиро низ бо фоида ҷамъбаст хоҳем кард.

**-Шумо гуфтед, ки хоҷагиатон қарздор нест. Чиро дар назар доред?**

- Мо маблағи андозро ҳамеша сари вақт пардохт мекунем. Имсол зиёда аз ним миллион сомонӣ ба буҷети давлат андоз супурдем. Аз ягон бонк ё сармоягузор қарздор нестем. Маблағҳои истифодаи обро ҳам сари вақт пардохт кардаем. Мо, ки аз рӯйи усули худмаблағгузорӣ ва худтаъминкунӣ фаъолият мекунем ва хоҷагии мо серсоҳа аст, агар корамон дар як соҳа барор нагирад, норасоии онро аз соҳаи дигар мепӯшонем.

**-Дар хоҷагиатон чанд нафарро бо кор таъмин кардаед?**

- Ба таври доимӣ дар хоҷагии мо 300 нафар кор мекунад. Ҳоло, ки мавсими ҷамъоварии ҳосил аст, қариб 600 нафарро бо кор таъмин кардаем ва онҳо маоши хуб мегиранд. Ба изофа, ба қадри имкон коргарони худро бо маҳсулоти кишоварзӣ таъмин мекунем. Шароити кори онҳо низ хуб аст. Мо ҳашт бошишгоҳи доимоамалкунанда дорем. Коргарон бо хӯроки гарм таъминанд. 19 июли соли ҷорӣ Президенти мамлакат, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон ба хоҷагии мо ташриф оварданд ва ташрифи он кас ба мо илҳому қуввату ғайрати тоза бахшид. Сарвари давлат зимни суҳбат ба мо дастур доданд, ки дар арафаи иди Рамазон ба ҳар як коргар ба андозаи як маош кӯмак намоему ҳавасманд созем. Ин дастури Ҷаноби Олӣ пурра иҷро шуд ва мо ба коргаронамон ба ифтихори Иди саиди Фитр ҳам мукофотпулӣ ва ҳам ба маблағи 300 сомонӣ ба ҳар кадомашон маводи хӯрока додем.

**-Мо мушоҳида кардем, ки дар хоҷагии шумо бошишгоҳҳои саҳройӣ ва боғчаҳои бачагона низ фаъол аст…**

-Бале, ин ҳам дар заминаи ғамхорӣ ба заҳматкашон аст, онҳо, ки софдилона меҳнат мекунанд, бояд зиндагии хуб дошта бошанд, хуб дам гиранд. Ҳоло дар ҳудуди хоҷагии мо ҳашт мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, ду боғчаи доимоамалкунанда мавҷуд аст. Дар боғчаҳои кӯдаконаи «Баҳор» ва «Ганҷина» 230 нафар фарзандони меҳнаткашон нигоҳубину парвариш меёбанд. Як беморхона низ сохтем, ки дорои 75 кат аст. Соли гузашта бахшида ба 20 - солагии ҷашни Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон Хонаи фарҳанги хоҷагиро таъмири асосӣ кардем.

**-Ба иттилои мо, ҳоло дар сохтори хоҷагии шумо аз нав тағйирот ворид гардидааст. Сабаб дар чист?**

-Бале, ин кор бо мақсади рушди соҳаи чорводорӣ сурат гирифт. Бояд зикр кард, ки дар шароити иқлими шаҳри мо говҳои зоти сиёҳало хуб парвариш ва инкишоф меёбанд. Дастури Ҷаноби Олӣ ҳам чунин буд, ки мо бояд соҳаи чорводориро тараққӣ диҳем. Инак, бо дастуру ҳидояти Сарвари давлат, дастгирии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҷагии мо ба хоҷагии зотпарварӣ табдил дода шуд. Иншооллоҳ, корҳои хоҷагидориро бештар рушд дода, мардумро бо маҳсулоти чорво ва дигар маҳсулоти кишоварзӣ хубтару беҳтар таъмин менамоем. Мо дар шафати пойтахти ҷумҳурӣ ҷойгир ҳастем, бинобар ин қарор додем, ки барои аҳолии шаҳри Душанбе ҳар рӯз на камтар аз як тонна шир пешкаш намоем. Алҳол дар хоҷагӣ 636 сар чорвои зотӣ парвариш мешавад.

**-Раис, шумо яке аз иштирокчиёни Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд будед. Алҳол мо дар арафаи ҷашнгирии 20-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ қарор дорем. Хоҳишмандам доир ба аҳамияти ин Иҷлосия назари хешро баён кунед.**

-Ба андешаи ман, агар ҳамин Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд баргузор намегардид, давлати мо пош мехӯрд. Иродаи матини вакилони ҳамондавра, масъулиятшиносии эшон буд, ки мо қарзи худро дар назди халқу Ватан иҷро кардем ва нагузоштем, ки якпорчагии Давлати Тоҷикистон вайрон шавад. Ҳарчанд ин кор хеле душвор, фишороварӣ ва нобоварӣ байни якдигар зиёд буд. Мо дар шаҳри Хуҷанд якдигарро фаҳмидем, бахшидем, ба як қарор омадем, вале ёдатон бошад, ҳамон рӯзи даст ба дасти якдигар додан, қувваҳои носолим ба шаҳри Ваҳдат ҳуҷум карда, мардумро ба қатл расонида, вазъиятро ноором карданд. Баъди шунидани ин хабар ман ба Раёсати Иҷлосия ва вакилон муроҷиат кардам ва хушбахтона, зуд пеши роҳи ҳодиса гирифта шуд. Бале, ақли солим ва масъулиятшиносӣ боло гирифту мо рӯҳафтода нашуда, бо қабули қарорҳои созанда кори Иҷлосияро анҷом додем. Пеш аз ҳама, мо хато накардем, ки ҷавонмарди ғаюру дурандеш Эмомалӣ Раҳмонро, ки имрӯз Сарвари Давлати Тоҷикистон аст, ҳамон вақт Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудем ва он кас дар ҳамон лаҳзаҳои бисёр ҳассос масъулияти бузурги роҳбариро бар дӯш гирифтанд. Азбаски шубҳаю ноумедиҳо ҳанӯз зиёд буданд, аксарият ба худ савол медоданд: - Чӣ мешуда бошад? Аммо ғурури ҷавонмардию миллатдӯстӣ, ватанпарастӣ, ки дар ниҳоди Эмомалӣ Шарифович зиёд буд, он кас таваккал ба Худо карда, ба кор шурӯъ намуданд. Имрӯз, бубинед, ки мо ба чӣ қадар комёбиҳо муваффақ шудем. Давлати мо дар ҷаҳон шуҳрат пайдо кард, Ватанамон рушду тараққӣ ёфт, муҳимтар аз ҳама, сулҳу осоиштагӣ ба даст омад. Президент ва халқ бори дигар исбот карданд, ки тоҷикон воқеан ҳам сулҳдӯсту хирадпешаанд. Мардуми мо аслан ғосибу ҷангпарвар нест. Моро қувваҳои носолими бегона шӯр андохтанд, вале ақли солим боло гирифт ва Худо ба мо сулҳу оромӣ ва чунин Сарвари оқилу шарафмандро ато кард.

*Бурҳониддин КАРИМЗОДА,*
*«Садои мардум»*

---

# СУЛҲУ ВАҲДАТ - АРЗИШИ ОЛӢ

**Чанде пеш дар шаҳри Хоруғ таҳти раёсати раиси Комиҷроияи Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Қодири Қосим конференсияи чоруми Шӯрои Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон доир гардид.**

Дар конференсия масъалаҳои ҳисоботи Комиҷроияи Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз давраи соли 2007 то соли 2012, даровардани иловаю тағйирот ба ҳайати Шӯрои вилоятӣ, комиссияи назоратӣ ва ҳайати Шӯрои кӯҳансолони Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, интихоби вакилон ба Анҷумани Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Муовини раиси Шӯрои Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Ҷонибеки Қозибек оид ба фаъолияти ҳаракат аз давраи соли 2007 то соли 2012 ҳисобот дод.

Вай зикр намуд, ки конференсия дар пешорӯйи ҷашни 20 – солагии Иҷлосияи тақдирсози XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти таассуроти амиқи сафари навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон доир мегардад.

Боиси сарфарозист, ки ваҳдати миллии тоҷикон дар баробари истиқлолияти давлатӣ, сулҳу амнияти саросарӣ ва тамомияти арзии кишвар аз ҷумлаи арзишҳои тақдирсози давлатдорӣ ва давлатсозии навини мо мебошад. Ваҳдати миллӣ аз баракати хиради азалӣ ва азму иродаи матини миллати куҳанбунёд, фарҳангпарвар ва тамадунофарамон ба даст омада, мамлакатро аз харобӣ, миллатро аз парокандагӣ ва Ватани азизамонро аз нобасомониҳо наҷот дод. Солҳои истиқлолият барои ҳар як сокини Тоҷикистон давраи имтиҳону озмоишҳои басо вазнини ҳаёт, давраи расидан ба ҳамдигарфаҳмӣ, ваҳдат ва оштии миллӣ буд.

Соли 1997 Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон таъсис ёфт ва як рӯз баъд дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Шӯрои ин ҳаракат бо фарогирии намояндагони ҳама қишрҳои ҷомеа ба фаъолият оғоз намуд. Он тамоми корашро дар асоси дастуру супоришҳои Раиси Шӯрои марказии Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон пеш бурда, баҳри ободии диёр бо ҳамаи созмонҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ ҳамкорӣ намуда, фаъолияти онҳоро баҳри беҳдошти ҳаёти сиёсиву иҷтимоии вилоят то андозае танзим бахшида, ба як маҷрои муайян равона сохт.

Дар қаламрави вилоят ҳоло беш аз 210 ташкилоти ҷамъиятӣ ва шаш ассотсиатсия, 200 ташкилоти деҳотӣ амал карда, дар ҳалли масъалаҳои пешбурди иқтисодию иҷтимоӣ ҳиссагузоранд.

Саҳми аъзои Шӯрои вилоятии ҳаракат дар корҳои таблиғотию ташвиқотӣ, танзими расму оин ва ҷашну маъракаҳо, фаҳмонида додани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ, инчунин дастгирии сиёсати пешгирифтаи Давлату Ҳукумат назаррас аст.

Аммо ҳамкории тарафайни мақомоти маҳаллии ҳокимият, ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ беҳбудии ҷиддиро тақозо дорад. Тамоюли манфии ақибнишинӣ ва бетарафӣ дар фаъолияти ҳар яки онҳо мушоҳида мегардад.

Зарур аст, ки дар асоси принсипҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аз танқиди бепояву беасос, ки танҳо фазои ҷомеаро вайрон месозад, ба фаъолияти амалӣ ва ҳамбастагии байни мақомот, ҳизбҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ қадам ниҳем.

Иштирокчиёни конференсия ба ҳайати Шӯрои вилоятии ҳаракат, комиссияи назоратӣ, шӯрои куҳансолон тағйиру иловаҳо дохил намуда, вакилонро ба Анҷумани Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон интихоб карданд.

Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Қодири Қосим боз раиси Шӯрои Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон интихоб гардид.

Конференсия ба тамоми мардуми шарифи Бадахшон муроҷиатнома қабул намуд.

*Ш. ШОҲҚОСИМОВ,*
*«Садои мардум»*

---

# МАКОНЕ, КИ НАЗАРИЯРО БО АМАЛИЯ ТАВЪАМ МЕНАМОЯД

**Мавриди истифода қарор гирифтани Маркази омӯзиши малакаҳои амалӣ дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино ба мутобиқ гардидани фаъолият ба талаботи байналмилалӣ ва боз ҳам беҳтар шудани сатҳу сифати омодасозии мутахассисон мусоидат мекунад**



Тавре қаблан иттилоъ дода будем, чанде пеш Раиси Шӯрои кантонҳои Парламенти Конфедератсияи Швейтсария Ҳанс Алтерр ба ҷумҳурии мо ташриф оварда буд. Дар ҳошияи сафари худ номбурда бо Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Убайдуллоев мулоқот намуд, ки зимни онҳо масоили гуногуни вобаста ба муносиботи дӯстӣ ва ҳамкории пурсамари Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Конфедератсияи Швейтсария баррасӣ гардид. Санаи сеюми ноябри соли равон Ҳанс Алтерр ҳамчунин дар маросими мавриди истифода қарор гирифтани Маркази омӯзиши малакаҳои амалӣ дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино ширкат варзид.

Маркази фавқуззикр бо дастгирии молиявии Дафтари Швейтсариягӣ оид ба ҳамкорӣ таъсис ёфта, бо таҷҳизоти замонавии барои раванди таълим зарурӣ муҷаҳҳаз мебошад. Зимни иштирок дар ин маросим беихтиёр суҳбати чанде пештар бо узви Маҷлиси миллии Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ректори ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино Убайдулло Қурбонов доштаам ёд омад. Дар ин суҳбат, ки фарогири паҳлуҳои гуногуни фаъолияти донишгоҳ буд, номбурда аз мавҷудияти марказҳои омӯзиши малакаҳои амалӣ дар донишгоҳҳои муътабари тиббии хориҷи мамлакат ёдовар шуда, таъсиси чунин марказро дар ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино муҳиму саривақтӣ арзёбӣ карда буд. Аз ҷумла шунидани бардоштҳои Убайдулло Қурбонов бобати фаъолияти чунин марказ дар Донишгоҳи Калгарии кишвари Канада бароям хеле ҷолиб буд ва дар гӯшаи хаёлам набуд, ки дар муддати кӯтоҳ ҳамин гуна марказ дар ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино таъсис меёбад. Вале тавре мегӯянд:

*«Ба ҳар коре, ки ҳиммат*
*баста гардад,*
*Агар хоре бувад, гулдаста*
*гардад».*

Маҳз ҷаҳду талош ва масъулиятшиносии Убайдулло Қурбонов боис шуд, ки дар муддати кӯтоҳ ин марказ мавриди истифода қарор гирад. Яъне, номбурда сафарҳои хориҷии худро ба сифати имконияти беҳтарини омӯзиши таҷрибаи пешрафта ва минбаъд амалӣ намудани он дар дохили кишвар самаранок ва саривақтӣ истифода намуд. Шояд як қисмати хонандагони рӯзнома доир ба моҳияти Маркази омӯзиши малакаҳои амалӣ маълумоти кофӣ надошта бошанд. Дар робита ба ин агар самти фаъолияти марказро тариқи мухтасар бозгӯйӣ намоем, он маконест, ки барои тавъам гардидани назарияи раванди таълим бо амалия пешбинӣ гардидааст. Дар маркази мазкур он амалиётҳое, ки имкони гузаронидани онҳо дар ҷисми зинда мавҷуд нест, дар таҷҳизоти компютерие, ки дар шакли қисмҳои бадани инсон сохта шудааст, анҷом дода мешавад. Ҷиҳати ҷолиби таҷҳизоти ин марказ дар он зоҳир мегардад, ки дар сурати нодуруст анҷом додани амал он ба донишҷӯён хотиррасон мегардад. Табиист, ки чунин тарзи кор беҳтарин роҳи сайқал додани малака барои донишҷӯён маҳсуб ёфта, барои бомуваффақият шурӯъ намудани фаъолияти амалӣ заминаи пурқувват фароҳам меорад. Марказ аз ҳафт ҳуҷраи таълимӣ таркиб ёфта, дар он ҷо ҳашт нафар устодони соҳибмалака ба донишҷӯён дарс медиҳанд. Тавре мушоҳида намудем, дар ҳуҷраҳои ёрии аввалияи тиббӣ, малакаи муоширот, акушериву гинекологӣ, педиатрия, офталмология ва ғайра барои анҷоми тамоми амалиётҳо шароит фароҳам оварда шудааст.

Зикр намудан бамаврид аст, ки ба раванди таълим ворид намудани фанни малакаи муоширот бо ибтикори ректор Убайдулло Қурбонов сурат гирифта, ин омил низ ба бардоштҳояш аз сафарҳои хориҷӣ рабт дорад. Зимни суханронӣ дар ҷамъомади ба муносибати мавриди истифода қарор гирифтани маркази фавқуззикр доиргардида, узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ректори ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино, профессор Убайдулло Қурбонов сатҳу сифати ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Конфедератсияи Швейтсарияро қаноатбахш арзёбӣ намуда, ин дастовардро самараи сиёсати хориҷии «дарҳои кушод»- и Ҳукумати ҷумҳурӣ маънидод кард. Зикр гардид, ки аз соли 1993 инҷониб Конфедератсияи Швейтсария ба ҳайси Роҳбари гурӯҳи намояндагӣ манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар созмонҳои бонуфузи байналмилалии молиявӣ пуштибонӣ менамояд. Мавсуф дар остонаи 20 – солагии шурӯъ гардидани муносибатҳои дипломатӣ миёни ин давлатҳо мавриди истифода қарор гирифтани ин марказро фоли нек номида, ба дурнамои неки ҳамкориҳои гуногунҷанба изҳори умед намуд. Бино ба гуфти Убайдулло Қурбонов, бо дастгирии Дафтари Швейтсария оид ба ҳамкорӣ дар ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино як силсила пешравиҳо рӯйи кор омаданд. Ғанӣ гардидани фонди китобхонаи донишгоҳ, пурқувват гардидани заминаи моддӣ- техникӣ, вусъат ёфтани раванди табодули таҷриба бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбии хориҷи мамлакат ва ғайра аз ҷумлаи комёбиҳое мебошанд, ки дар ба даст омадани онҳо саҳми ин созмони бонуфузи байналмилалӣ арзанда аст. Иқдомоти



басомонрасида ба ҳеҷ ваҷҳ маънои анҷоми ҳамкориҳои ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино ва Дафтари Швейтсария оид ба ҳамкориро надошта, баръакс, мо иштироки Раиси Шӯрои кантонҳои Парламенти Конфедератсияи Швейтсария ҷаноби Ҳанс Алтерро дар ин маросим далели шурӯъ гардидани марҳилаи нави муносибатҳоямон арзёбӣ менамоем ва ба он арҷ мегузорем, – афзуд У. Қурбонов.

Дар суханронии вазири тандурустии ҷумҳурӣ Нусратулло Салимов низ аз раванди ҳамкориҳо изҳори қаноатмандӣ намуда, таъкид гардид, ки аз соли 1998 ба ин сӯй дар доираи лоиҳаҳои амалинамудаи Дафтари Швейтсария оид ба ҳамкорӣ дар бахши тандурустии мамлакат иқдомоти зиёде амалӣ шуд. Бо истифода аз ҳузури Раиси Шӯрои кантонҳои Парламенти Конфедератсияи Швейтсария Ҳанс Алтерр вазири тандурустии ҷумҳурӣ хоҳиш намуд, ки минбаъд низ ин ҳамкорӣ вусъат бахшида шаванд.

Ҳанс Алтерр мавриди истифода қарор гирифтани маркази зикршударо рӯйдоди фараҳбахши соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ карда, аз донишҷӯён даъват ба амал овард, ки аз ин имкони мусоид барои сайқали малакаи худ самаранок истифода намоянд. Мавсуф ҳозиринро бовар кунонид, ки баҳри боз ҳам густариш ёфтани муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Конфедератсияи Швейтсария дар доираи имконоти худ ҷаҳду талош хоҳад кард.

Дар маҷмӯъ, таъсиси Маркази омӯзиши малакаҳои амалӣ дар ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино иқдоми саҳлу содда набуда, замина фароҳам меорад, ки раванди таълим дар ин боргоҳ мутобиқ ба талаботи байналмилалӣ роҳандозӣ шуда, сатҳу сифати дониши муҳассилин боз ҳам беҳбудӣ ёбад.

*Д. АБДУЛЛО,*
*«Садои мардум»*
*Суратгир А. ИСОЕВ*

● Аз толори суд

# ДУЗДОНИ ШАБГАРД

## амали зишт онҳоро зиндонӣ кард

Бахшидани гуноҳ ва авфи гунаҳгорон аз ҷониби давлат ифодагари эҳтиром гузоштан ба инсон, ҳуқуқу озодиҳои он мебошад, ки дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун арзиши олӣ эътироф шудааст.

Бахшидани гуноҳ инсонро дар интихоби роҳи нек ва роҳи бад ҳушдор месозад ва аз ин ҷиҳат мардуми огоҳро ба сӯйи ростӣ ва дурустӣ ҳидоят менамояд.

Авфшудагон имкон доранд ба муҳити оилаи худ баргарданд, аз роҳи ҷиноятгорӣ ва олами ҷиноӣ даст кашида, ба ҳаёти солим рӯй оваранд.

Аммо баъзе одамон баъди авф шуда ба озодӣ баромадан, ки мақсад ислоҳ шудан мебошад, боз ба роҳи бад мераванд. Тарки одат барояшон шояд мушкил бошад. Аз ин рӯ, ба ҷойи меҳнати ҳалол ва зиндагии ором боз «касби дӯстдоштаашон»-ро пеша менамоянд. Маълум, ки ин роҳи бад онҳоро то ба куҷо мебарад.

Сокини шаҳри Турсунзода Дӯстмуродҷон Бозоров аз қабили чунин шахсонест, ки бо қонуни авф ба озодӣ баромада бошад ҳам, мақсаду мароми зишти худро тағйир надодааст.

Мақомоти тафтишоти пешакӣ ба Дӯстмуродҷон Бозоров барои он айб эълон кардааст, ки нисбати ӯ аз ин пеш -соли 2009 аз тарафи Шуъбаи тафтишоти ШКД-и шаҳри Турсунзода бо моддаи 244, қисми 2, бандҳои «а,б,в, г»-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҷиноятӣ оғоз шуда,10 ноябри соли 2009 бо таъиноти Суди шаҳри Турсунзода парвандаи ҷиноятӣ бо дастраси моддаи 6, банди «в»-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» дар истеҳсолоти судӣ қатъ гардидааст, аммо ӯ ба худ хулосаи лозимӣ набароварда, даст ба содир намудани як қатор ҷиноятҳои қасдона задааст.

Чунончӣ, ӯ шаби 1 марти соли 2012 бо мақсади дуздӣ, яъне тасаруфи ниҳонии молу мулки ғайр, бо маслиҳати пешакӣ, бо бародараш Муродбек Бозоров ва Назарзода Хуршеди Хуморалӣ аз беназорат қарор доштан ва набудани соҳибхона, шаҳрванд Худойқулова Мавлуда хонаи 64/1, воқеъ дар кӯчаи Н.Махсуми шаҳри Душанберо ҳадафи дуздӣ қарор медиҳанд. Бародараш Муродбек Бозоров ва Х.Назарзода гирду атрофро таҳти назорат қарор мегиранд, то ин ки аз пайдо шудани шахсони ғайр шарикашонро огоҳ созанд. Дӯстмуродҷон Бозоров бо роҳи интихоби калид қулфи дари даромади ҳуҷраи мазкурро кушода, якҷоя ғайриқонунӣ вориди хонаи истиқоматӣ шуда, аз он ҷо пули нақд ба маблағи 1100 доллари ИМА ва як миқдор ҷавоҳироти тиллоиро аз қабили як адад зиреҳ бо нигини ёқут, арзишаш 3000 доллари ИМА, як адад зиреҳи бе нигин, арзишаш 2000 доллари ИМА, як ҷуфт гӯшвори «Леди Босс», арзишаш 700 доллари ИМА, як ҷуфт гӯшвори сохти «Кочели», вазнаш тақрибан 17 грамм, арзишаш 600 доллари ИМА, як ҷуфт гӯшвори тоҷикӣ, арзишаш 400 доллари ИМА ва ғайраро тасарруф карда, аз ҷойи ҷиноят ғайб заданд. Дар натиҷа, ба шаҳрванд Худойқулова Мавлуда ба маблағи умумии 11.320 доллари ИМА зарар расидааст.

Онҳо бо чунин усули озмудаашон 27 марти соли 2012 тахминан соатҳои 23 шабона, ба ҳуҷраи рақами 28, бинои 27, кӯчаи Ҳисори шаҳри Душанбе ворид шуда, чизу чораи гаронбаҳоро бо тариқи пинҳонӣ тасарруф карда, аз ҷойи ҷиноят ғайб заданд. Дар натиҷа, ба шаҳрванд Шарифҷонова Умеда ҷамъ ба маблағи умумии 7000 доллари ИМА зарар расонидаанд.

Ин ҳарисон ба тасарруфи ҳар гуна ашё даст мезаданд. Чунончӣ, онҳо ба яке аз хонаҳои воқеъ дар кӯчаи ба номи Баҳовуддинови шаҳри Душанбе пинҳонӣ ворид шуда, аз он ҷо якчанд адад дастархон, матои рахти хоб, рӯйпӯш, таҳпӯши занона, ду адад ҷойнамоз, як адад плитаи барқии хӯрокпазии навъи «Мечта» ва ғайраро тасарруф менамоянд, ки зарари ба соҳибхона расонидаи онҳо 2740 сомониро ташкил медиҳад.

Ҳамин тариқ, дуздии онҳо идома ёфта, гумон доштанд, ки шикори шабонаашон ҳамеша бобарор анҷом меёбад, аммо оғози ҳар амали зишт анҷом низ дорад.

Шаби 5 майи соли 2012 яке аз хонаҳои кӯчаи ба номи Навоийи шаҳри Душанбе ҳадафи дуздии сенафарон қарор мегирад. Дӯстмуродҷон Бозоров бо роҳи интихоби калид қулфи дари хонаро мекушояд ва бо мақсади дуздӣ вориди он мешаванд, аммо ин дафъа шикорашон барор нагирифт. Шарики онҳо Назарзода Хуршеди Хуморалӣ, ки одатан вазифаи посбонро иҷро мекард, аз ҷониби соҳиби хона ва кӯмаки ду нафар роҳгузар дастгир ва ба милитсия супурда мешавад. Ӯ ҳангоми дастгир карданаш ба соҳибхона муқобилият нишон дода, зарари ҷисмонӣ мерасонад.

Нисбат ба онҳо парвандаи ҷиноятӣ кушода, мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор гирифт. Ҳангоми таъини ҷазо он ҳолат ба назар гирифта шуд, ки ҷинояти содирнамудаи судшавандагон ба категорияи ҷиноятҳои дараҷаи вазнин мансуб мебошад, зеро амали ҷиноятқоронаи онҳо ба даст овардани даромади муфт дониста мешавад.

Дар рафти тафтишоти пешакӣ нисбати судшавандаҳо Дӯстмуродҷон Бозоров, Муродбек Бозоров ва Назарзода Хуршеди Хуморалӣ бо моддаҳои 32 қисми 3, 244 қисми 2, бандҳои «а, б,г» ва 244 қисми 3, банди «а» Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дуздӣ, яъне тасарруфи ниҳонии молу мулки ғайр, бо аломати такроран, аз ҷониби гурӯҳи ашхос бо маслиҳати пешакӣ, бо роҳи ғайриқонунӣ дохил шудан ба манзил бо расонидани зарари калон ба шаҳрванд айб эълон карда шуд.

Ҳамчунин суд масъалаи рӯёнидани зарари ба ҷабрдидаҳо расонидашударо мавриди муҳокима қарор дода, муайян намуд, ки аз ҷониби судшавандаҳо Дӯстмуродҷон Бозоров, Муродбек Бозоров ва Назарзода Хуршеди Хуморалӣ ин зарар барқарор карда нашудааст.

Бо ҳукми суд бо дастраси моддаҳои 32 қисми 3, 244 қисми 2 бандҳои «а,б,г» ва 244 қисми 3, банди «а» Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста, дар асоси моддаи 67 қисми 3 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои маҷмӯи ҷиноятҳо бо роҳи қисман зам намудани ҷазоҳои таъиншуда ҷазои ниҳоии маҳрум сохтан аз озодӣ Дӯстмуродҷон Бозоров, Муродбек Бозоров ва Назарзода Хуршеди Хуморалӣ ҳар кадоме ба муҳлати шаш солӣ бо мусодираи молу мулк бо адо намудани ҷазо дар муассисаҳои ислоҳии низомаш пурзӯр ва сахт таъин карда шуд.

Ҳамзамон аз ҳисоби судшавандаҳо бо ҳукми суд ба фоидаи ҷабрдидаҳо маблағи зарари расонида рӯёнида мешавад.

*Искандар САИДОВ,*
*судяи Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе.*
*Аъзам МӮСОЕВ,*
*«Садои мардум»*

---

БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

### БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН!

## Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди (минбаъд – мақомоти Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: **221-47-03, 223-11-80**) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| № ДИО | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 3175/1-1506 | Агентии амнияти ядрой ва радиатсионии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Мебел | номгуй | 6 | 4.12.2012 соати $9^{00}$ |
| 3177/1-1508 | Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Бензини АИ-92<br>Сӯзишвории дизелӣ | литр<br>литр | 9860<br>1000 | 4.12.2012 соати $9^{30}$ |
| 3178/2-867 | Беморхонаи шаҳрии кӯдаконаи бемориҳои сили ноҳияи И.Сомонии ш.Душанбе | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Доруворӣ | номгуй | 75 | 4.12.2012 соати $9^{00}$ |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.

2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои муҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқарраргардида, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

---

## ТАСҲЕҲ

Дар даъватномаҳои иштироки озмун таҳти № 3122/3-727, 3124/3-729, 3126/3-731, 3129/3-734, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» 19 ноябри соли 2012 таҳти №137-138 (2964-2965) нашр шудааст, сана ва вақти кушодани лифофаҳо ба ҷойи 30 ноябри соли 2012, 19 ноябри соли 2012 хонда шавад.

---





ПАРДОХТИ АЛОҚАИ МОБИЛӢ БОЗ ҲАМ ДАСТРАСТАР ШУД!

Ба Шумо хабар медиҳем, ки хизматрасонии «Пардохти алоқаи мобилӣ» барои мизоҷони «МегаФон-Тоҷикистон» ва «Tcell» акнун барои мизоҷони ширкати «Вавилон-Мобайл» низ дастрас шуд ва онҳо низ метавонанд ҳисобҳои худро ба воситаи кортҳои пластикии ҶСК «Агроинвестбонк» тавассути банкоматҳои бонк, низоми «Интернет-бонкинг» ва «Бонкинги мобилӣ» бидуни комиссия пур намоянд.

Шумо метавонед дар банкоматҳои бонки мо амалиёти «Пардохти алоқаи мобилӣ»-ро интихоб намуда, дар низоми вақти ҷорӣ ҳаққи хизматрасониҳои алоқаи мобилии ширкатҳои «МегаФон-Тоҷикистон», «Tcell» ва «Вавилон-Мобайл»-ро пардохт намоед.

Тавассути хизматрасониҳои «Интернет-бонкинг» Шумо метавонед пардохтҳои худро дар низоми автоматӣ ба нақша гиред. Дар ин ҳолат, тавозуни телефони мобилии Шумо дар сана ва вақти нишондодаи Шумо ба таври автоматӣ пур карда мешавад!

МАЪЛУМОТИ МУФАССАЛ : (44) 600-68-68
ВА Ё ДАР СОМОНАИ МО: WWW.AGROINVESTBANK.TJ


---


## «ПОПУЛИН» АЗ КИРМҲО ХАЛОС МЕШАВЕМ!

«Популин» дар асоси шираи сиёҳбед, ки ҳамчун воситаи зидди кирмҳо, зидди илтиҳоб ва ҳифз аз гепатит машҳур аст, омода гаштааст:

-барои нест кардани тамоми намуди кирми дар вуҷуди инсонбуда истифода мешавад;

-барои боз ҳам афзудани таъсири дору баъди ҳар се рӯзи истифода «Популин»-ро бо об омехта, клизма кардан зарур аст;



-ба ҷисми инсон зарар намерасонад ва бе тавсияи духтур истифода бурданаш мумкин аст, ҳатто ба ҳамаи нафарони солим бо мақсади пешгирӣ намудани пайдошавии кирм тавсия дода мешавад;

-таъсирбахш аст, ҳар шахси истифодабурда беҳбудӣ ва фоидаашро зуд ҳис мекунад.

Тартиби истеъмол: ба кӯдакони аз 3 то 7 –сола – 1/3- қошуқчагӣ, аз 7 то 12 –сола – 2/3- қошуқчагӣ, аз 12- сола боло дар як рӯз ду бор 1-қошуқчагӣ, 30-40 дақиқа баъди хӯрок истеъмол кардан лозим аст.

Истеҳсолкунанда – ООО «Биолит» Федератсияи Россия. Тел: ш.Душанбе **918-47-93-93**, дар вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он: **988-80-88-85**.

Рақами қайд №000677. Аз дорухонаҳои шаҳр пурсон шавед.


---


## «ФЛАВИГРАН-ОЧАНКА»

Дурдоначаҳои рангашон ҷигарии бо бӯйи хуш ва маззаи ширини бо туршӣ омехта.

«Флавигран-очанка» маҳсулоти дар ҳар синну сол фоидаовар буда, таъсири баръалои мутобиқсозанда ба шароити муҳит, инчунин зиддиоксидантӣ дорад, норасоии оксигенро бартараф ва рагҳоро устувор мекунад.

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДА:**

•осебёбӣ ва илтиҳоби ғӯзаи чашм;
•илтиҳоби пилки чашм;
•захми қарнияи чашм;
•катаракта; *глаукома;



•гузаштани хун ба шабакияи чашм;
•ҷудошавии шабакияи чашм;
•миопия (наздикбинӣ ва дурбинӣ), сарфи назар аз дараҷааш;
•ҳангоми кори бошиддати тӯлонии чашмон ва кор бо оргтехника (хонандаҳо, истифодабарандагони компютерҳою телефонҳои мобилӣ ва ғ.);
•халалёбии гардиши хун дар майнаи сар, аз ҷумла инсултҳо, ҳангоми дардҳои сар, ки бо норасоии оксиген ва вайроншавии ғизогирии майнаи сар алоқаманданд, дар сурати дучоршавӣ ба гуруснагии оксигенӣ (хоси ғаввосон, кӯҳнавардон, шахтёрҳо, сарнишинони ҳавопаймоҳо, донишҷӯён дар давраи сессия мебошад);
•барои мустаҳкам кардани рагҳо ва беҳ сохтани биноии чашмони беморони қанд;
•шахсоне, ки бо бемориҳои қанд гирифторанд, аз «Флавигран-на сорбите» метавонанд истифода баранд.

•**Таркиб:** ҷавҳари буттамеваҳои черника, ангат, хуч, алафи марҷумак, шарбати лиму, сабзӣ ва ғайра.

**ТАРЗИ ИСТИФОДА:** 2 г. (1 қошуқча) дурдоначаҳоро дар 100 мл об ҳал карда, рӯзе се маротиба дар давоми 3-4 ҳафта истеъмол кунед. 2-3 маротиба дар як сол такрор намоед, то пурра шифо ёфтани чашмонатон. Тамоман безарар аст.

Шакли истеҳсол. Дурдоначаҳо дар бордони пластмассӣ, 120 г.

Маҳсулотро аз дорухонаи «Гарант»-и рӯ ба рӯйи бозори «Саховат» дастрас намоед. Бо телефони **918-47-93-93** муроҷиат кунед.

Тел: дар вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он **927-49-33-47**.


---

## Обуна ба маҷаллаи «АХБОРИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН» БАРОИ СОЛИ 2013 ДАВОМ ДОРАД

**«Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» моҳе як маротиба бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ба табъ мерасад.**

**«Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз се фасл иборат аст:**

**- дар фасли I қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;**

**- дар фасли II шартнома ва созишномаҳои байналмилалӣ, қарорҳои Суди конститутсионӣ;**

**- дар фасли III қарорҳои шӯроҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп мешаванд.**

**Нархи обунаи солонаи маҷалла, бе назардошти хизматрасонии КВД «Почтаи Тоҷик», 144 сомониро ташкил мекунад.**

---

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 7 декабри соли 2012 музоядаи №28-ро оид ба фурӯши иншооти ғайриманқул баргузор менамояд

1. Бино ва иншоотҳои собиқ раёсати сохтмонию васлкунии №5, Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктелеком», воқеъ дар шаҳри Панҷакент, кӯчаи Марвазӣ, бо нархи ибтидоии 300 000 сомонӣ.

2. Қисми бинои меҳмонхонаи «Ором»-и Корхонаи давлатии фаръии меҳмонхонаи «Ором»-и КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ», ноҳияи Спитамен, воқеъ дар ноҳияи Спитамен, кӯчаи Ленин, бо нархи ибтидоии 100 000 сомонӣ.

3. Толори варзишӣ, воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Сарикиштӣ, деҳаи Маҳмадшои боло, бо нархи ибтидоии 4 950 сомонӣ.

4. Истироҳатгоҳи Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти сохтмонӣ ва меъморӣ, воқеъ дар шаҳри Ваҳдат, дараи Ромит, деҳаи Чуянгарон, бо нархи ибтидоии 17 986 сомонӣ.

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда- **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 ва шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1.**

Фурӯш бо усули ***англисӣ*** сурат мегирад.

Музояда **соати $10^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин: **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, телефонҳо: 221-49-87, 221-73-74, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 927-56-64-84,** ҳамчунин аз сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.muzoyda-kvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW.GKI.TJ** гирифтан мумкин аст.

---

## ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

### 7 декабря 2012 года проводит аукцион №28 по продаже недвижимости

1. Здание и сооружения бывшего строительного управления №5, ОАО «Тоҷиктелеком», адрес: город Пенджикент, улица Марвази, со стартовой стоимостью 300 000 сомони.

2. Част здания гостиницы «Ором», ГУП «Хоҷагии манзилию коммунали» района Спитамен, адрес: Спитаменский район, улица Ленина, со стартовой стоимостью 100 000 сомони.

3. Спортивный зал в районе Рудаки, адрес: район Рудаки, Сельский джамоат Сарикишти, село Махмадшохи боло, со стартовой стоимостью 4 950 сомони.

4. Зона отдыха Службы по выдачи лицензий по строительству и архитектуры, адрес: город Вахдат, поселок Чуянгарон, Рамитское ущелье, со стартовой стоимостью 17986 сомони.

Прием заявок на участия в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: г.Душанбе, пр. Рудаки 44.

Метод проведения: ***английский***.

Время проведения: **$10^{00}$ часов.**

Место проведения: **г.Душанбе, пр.Рудаки 44, г.Худжанд, улица Ленина 47/1.**

Гарантийный взнос равен 350 показателям для расчетов за один лот и принимается наличными в кассу ГУП по ОПГИ или безналичными на р/счет ГУП по ОПГИ. В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5 процентов и государственную пошлину в размере 0,5 процентов от цены продажи, который не включается в цену продажи лота. Победителем аукциона признаётся участник, предложивший наиболее высокую цену.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: **г. Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-49-87, 221-73-74**, **город Худжанд, улица Ленина 47/1, тел: 927-56-64-84,** а также на сайте Государственного унитарного предприятия по организации продаж государственного имущества **WWW.muzoyda-kvd.tj** и на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан **WWW.GKI.TJ**

---


## «ГАЛЕГА-НОВА»- ДАВОИ НАВИ БЕЗАРАР БАР ЗИДДИ ДИАБЕТИ ҚАНД

Дар ҷаҳони муосир беморон кӯшиш мекунанд, ки ҳангоми табобат то ҳадди имкон аз воситаҳои синтетикӣ камтар ва аз гиёҳу фитопрепаратҳо бештар истифода баранд, зеро воситаҳои кимиёвӣ як ҷойи касро шифо бахшад, ба ҷойи дигараш зарар мерасонад. Беҳуда нест, ки дар кишварҳои рушдкарда ба доруҳои кимиёвӣ танҳо дар сурати зарурати сахт рӯ меоранд (агар наркоз, воситаҳои сахттаъсир, таскинбахшҳои пурзӯр ва ғайра даркор шаванд). Инро ба инобат гирифта, Корхонаи илмӣ-тадқиқотии «Биолит»-и Федератсияи Россия воситаи универсалии босамареро дар шакли хурӯшаҳо бо номи «Галега-нова» коркард намудааст. «Галега-нова» барои



-табобати бемории диабети қанди навъҳои 1-2 ва пайтаъсирҳои (осложнение) он;
-таъсири диабети қанд ба чашмон, гурдаҳо, пойҳо;
-шаклҳои гуногуни фарбеҳӣ, бемории варикозӣ;
-тарбод (ревматизм) ва мафосил (подагра) истифода бурда мешавад;
-шахсони бо инсулин вобаста ҳам метавонанд истифода баранд.

Инчунин таъсири зиддисклерозӣ дошта, рагу пайвандҳоро мустаҳкам менамояд. *Сатҳи глюкоза ва холестеринро дар хун паст мекунад.*

Бо доруҳои кимиёвӣ барои муолиҷаи диабети қанд истеъмол намудани «Галега-нова» имкон медиҳад бамаротиб истифодаи доруҳои кимиёвиро кам намоед. Ҳангоми истифодаи «Галега- нова» шахси дардманд беҳбудии саломатиашро баръало ҳис хоҳад кард.

Истеъмол: дар як рӯз се бор, 1- қошуқчагӣ 20 дақиқа пеш аз хӯрок дар 100 мл оби гарм омехта нӯшед.

Давомнокии истеъмол -аз 30 то 90 рӯз.

Ба номгӯйи «100 маҳсулоти беҳтарини Россия» дохил шудааст.

***Аз дорухонаҳо харидорӣ намоед.***
***Тел: шаҳри Душанбе: 918-47-93-93, вилояти Суғд ва ноҳияҳои он: 927-49-33-47, 988-80-88-85.***
***Нархаш -то 40 сомонӣ.***


---

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

Шаҳрванд Давлатова Заркимой Муратовна, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0080982 бо РЯМ 0430037291 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 17 майи соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢Шаҳрванд Мирзоев Тоҳир Додоҷонович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0057661 бо РЯМ 0230014043 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи И.Сомонии шаҳри Душанбе 22 апрели соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

➢Дафтарчаи имтиҳонии №10- 88/02-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон соли 2011 ба Меҳриддини Суҳроб додааст, эътибор надорад.

➢Шартномаи ҳадяи (дарение) таҳти қайди феҳристи №8Д-113-и гумшуда, ки онро Идораи сеюми нотариалии давлатии шаҳри Душанбе 7 феврали соли 1995 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Федина, хонаи 18/10, ҳуҷраи 24 ба Ғафурова Рузигуль Хайруллоевна додааст, эътибор надорад.

---


Садои мардум — Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

САРМУҲАРРИР
Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Некқадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: *sadoimardum@yandex.ru*

*Ба чопаш 12 ноябри соли 2012, соати 17.00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 23759 нусха*

*Навбатдори шумора Б. Каримов*

*Тарроҳони компютерӣ* И. Самохин ва Н. Исмоилова